**ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАЪРӮЗАИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2022

**ДУШАНБЕ – 2023**

МУНДАРИҶА

ПЕШГУФТОР ……………………………………………….. 3

I. ФАЪОЛИЯТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР СОЛИ 2022

1.1. Таҳкими механизми қабул ва баррасии муроҷиати кӯдакон ........................................................ 7

1.2. Такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак.......... 21

1.3. Боздид, мониторинг ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдак ............................................................ 30

1.4. Таҳкими ҳамкориҳо ва иттилоотонии ҷомеа вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак ........................................... 36

II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ КӮДАК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Кӯдакон дар низоми адолати судӣ …………….. 43

2.2. Ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳаёт ва саломатӣ.................... 62

2.3. Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб ……………… 71

2.4. Ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил ........................................ 82

ХОТИМА ..................................................................... 93

# ПЕШГУФТОР

Зимни ироаи паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соли 2022 барои Тоҷикистон соли бобарор арзёбӣ гардид.

Воқеан, соли 2022 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, Пешвои миллат дар ин раванд нақш ва заҳматҳои содиқонаи мардуми кишварро махсусан таъкид намуданд.

Яке аз самтҳои муҳим, ки соли 2022 чунин дастовард дошт таҳкими механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳисоб меравад. Дар ин робита, пешравиҳои муҳим дар сиёсат, қонунгузорӣ ва амалияи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон ба амал омаданд.

Соли 2022 якчанд қонунҳо қабул гардиданд, ки ба боз ҳам рушд ёфтани соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва беҳдошти зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла, дар ин робита метавон аз ба имзо расидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнат ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва “Дар бораи маориф”, таъсиси Шӯрои миллӣ оид ба инкишофи барвақтии кӯдакон, қабули Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027, ки ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои беҳтарини кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд, махсусан ёдоварӣ намуд.

Дастоварди дигаре, ки аз ғамхории хоси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба кӯдакон сарчашма мегирад, марҳила ба марҳила ба Тоҷикистон баргардонидани кӯдакон аз минтақаҳои ҷангзада ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз, соли 2019 зери назар ва бо роҳнамоиҳои Пешвои муаззами миллат аз урдугоҳҳои минтақаҳои ҷангзадаи Сурия 84 кӯдак ба Ватан оварда шуданд. Чунин иқдомҳои инсондӯстона идома пайдо карда, соли 2022 низ бо роҳнамоии Пешвои миллат 164 занону кӯдакон аз минтақаҳои ҷангзада ба Тоҷикистон овардашуда, дар муассисаҳои давлатӣ барои барқарорнамоии ҳолати равонӣ ва баргардонидани онҳо ба ҳаёти муқаррарӣ чорабиниҳои гуногун амалӣ шуда истодаанд.

Ин иқдомҳо, пеш аз ҳама, барои раҳо кардани кӯдакони тоҷик аз бесарнавиштӣ, баргардонидани онҳо аз диёри ғурбат, ворид шуданашон ба ҳаёти осоишта дар кишвар ва арҷгузорӣ ба сулҳу амният равона шудаанд.

Дар ин робита, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарии кӯдакон ба роҳ монда, аз натиҷаи фаъолият ва таҳлили вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдак маърӯзаи навбатии худро омода намуд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ин бахш бо дарназардошти таҳлилу баррасии мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ном ва ба манфиати кӯдакон, ҳуҷҷатҳои

стратегӣ ва барномавии соҳа, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тавсияҳои сохторҳои махсус ва шартномавии СММ, маводи воситаҳои ахбори омма маълумоти муфассал пешниҳод менамояд.

Маърӯзаи солонаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак аз пешгуфтор, ду боб ва хотима иборат мебошад. Боби якум, ба масъалаҳои таҳкими механизми қабул ва баррасии муроҷиати кӯдакон, такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, боздид, мониторинг ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдак, фаъолият ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳо ва иттилоотонии ҷомеа вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак бахшида шудааст.

Дар боби дуюм, ки бевосита ба арзёбии вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст, масъалаҳои кӯдакон дар низоми адолати судӣ, ҳуқуқи кӯдакон ба ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқи кӯдакони маъюб ва ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсилро фаро мегирад. Ҷиҳати омода намудани маълумотҳои ин бахш, илова ба маводҳои фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, инчунин маводҳо аз натиҷаи боздидҳо, қабули сайёри шаҳрвандон ва санҷишу мониторингҳо дар муассисаҳои кӯдакона истифода бурда шудаанд.

Дар асоси қисми 1 моддаи $32^7$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Итминон дорем, ки маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта, тавсияҳои пешниҳодшуда ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардидани вазъи риояи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакони Тоҷикистони азиз мусоидат мекунанд.

# I. ФАЪОЛИЯТИ ВАКОЛАТДОР ОИД БА ҲУҚУҚИ КӮДАК ДАР СОЛИ 2022

## 1.1. Таҳкими механизми қабул ва баррасии муроҷиати кӯдакон

Қабул ва баррасии муроҷиати кӯдакон яке аз воситаҳои асосии ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар ин самт, солҳои 2020-2022 вобаста ба амалисозии банди 6.3 Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо аз натиҷаи Гузориши муттаҳидаи сеюм-панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак барои солҳои 2018-2022, ки фароҳам овардани имконияро барои муроҷиатҳои инфиродии кӯдакон пешбинӣ менамояд, як қатор корҳо анҷом дода шуда, дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳанӯз аз моҳи сентябри соли 2020 тартиби алоҳидаи қабул ва баррасӣ роҳандозӣ шуда буд.

Бо мақсади такмили механизми мавҷуда ва ҷорӣ намудани он дар дигар вазорату идораҳои дахлдор, ки бештар бо масъалаҳои кӯдакон сару кор доранд, соли 2021 дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон аз ҳисоби намояндагони вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуд. Аз натиҷаи фаъолияти гурӯҳи корӣ дар

вазорату идораҳои зикршуда санадҳои алоҳидаи дохилиидоравии танзимкунандаи масъалаҳои қабул ва баррасии муроҷиатҳои кӯдакон таҳия ва тасдиқ карда шудаанд. Ҳамзамон, Тартиби қабул ва баррасии муроҷиати кӯдакон, намояндагони онҳо ва дигар шахсон аз ном ва ба манфиати кӯдакон дар мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва аз 8 феврали соли 2022 тасдиқ карда шуд.

Фаъолияти гурӯҳи корӣ нишон дод, ки амалияи таҳия ва роҳандозии чунин санадҳои дохилиидоравӣ дар дигар мақомоту идораҳо аз аҳамият холӣ набуда, дар баробари ин, мувофиқи мақсад аст, ки масъалаи ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ворид намудани тағйиру иловаҳо вобаста ба тартиби баррасии муроҷиатҳои кӯдакон мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Масъалаи мазкур дар қонунгузории миллии кишварҳои собиқи шӯравӣ, аз ҷумла Ӯзбекистон, Грузия ва Молдавия мушаххас гардида, ҳамчун таҷрибаи пешрафта метавонанд истифода шаванд.

Дар асоси муқаррароти қонунгузории амалкунанда ва тартиби мазкур барои қабул ва баррасии муроҷиатҳо аз ҷониби кӯдакон, аз ном ва ба манфиати кӯдакон дар механизми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар соли 2022 аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон тибқи талаботи Тартиби қабул ва баррасии муроҷиати кӯдакон, намояндагони онҳо ва

дигар шахсон аз ном ва ба манфиати кӯдакон 158 (соли 2021 – 155 ) муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қабул ва баррасӣ гардидаанд. Аз ин шумора, 44 адад (соли 2021 – 48 адад) муроҷиатҳо хаттӣ ва 114 адад (соли 2021 – 99 адад) муроҷиатҳои шифоҳӣ мебошанд. Аз ҷумла, 29 муроҷиати шифоҳӣ дар рӯзҳои қабули (сешанбе ва шанбе) Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва 52 муроҷиати шифоҳӣ зимни қабули сайёри муроҷиатҳои шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳо баррасӣ карда шуданд.

Омори воридшавии муроҷиатҳои хаттӣ аз ном ва ба манфиати кӯдакон чунин аст:

– шаҳри Душанбе – 17 (соли 2021 - 17) адад;
– вилояти Хатлон – 2 (соли 2021 - 4) адад;
– вилояти Суғд – 7 (соли 2021 - 4) адад;
– шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 5 (соли 2021 - 9) адад;
– Ҷумҳурии Ӯзбекистон – 1 адад;
– Федератсияи Россия – 11 (соли 2021 - 14) адад;
– Ҷумҳурии Қазоқистон – 1 адад.

Ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар баробари сокинони ҷумҳурӣ аз кишварҳои хориҷӣ низ муроҷиат ворид мегардад. Дар чунин муроҷиатҳо, ки бештар аз ҷониби ниҳодҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва кӯдак ва мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ ворид мегарданд, оид ба масъалаҳои муайян намудани ҷой ва шароити зисти ноболиғон, муайян намудани маҳрум шудан ё нашудан аз ҳуқуқи падарӣ ё модарӣ ва иҷрои ҳалномаҳои судӣ мусоидат пурсида мешавад. Таҷрибаи фаъолият нишон медиҳад, ки бо дарназардошти васеъшавии

ҷуғрофияи муҳоҷирати шаҳрвандони Тоҷикистон, гирифтани шаҳрвандии кишвари қабулкунанда, барпо намудани оила бо шаҳрвандони хориҷӣ ва бархурдор шудан аз нафақа ва кӯмакҳои иҷтимоӣ муаммоҳои муайян бинобар таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо ба миён меоянд.

Аз ном ва ба манфиати кӯдакон беш аз ҳама падару модар, васию парастор ва намояндагони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муроҷиат мекунанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки занон оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон бештар муроҷиат менамоянд, ки зиёд будани саҳми онҳоро дар ин самт ва нобаробарии масъулияти падару модарро дар нигоҳубин ва таълиму тарбияи кӯдак нишон медиҳад. Масалан, дар соли 2022 омори субъектоне, ки аз ном ва ба манфиати кӯдакон хаттӣ муроҷиат кардаанд, чунин аст:

- занон – 17 (соли 2021 - 15) адад;
- мардон – 15 (соли 2021 - 12) адад;
- шахсони ҳуқуқӣ – 10 (соли 2021 - 20) адад;
- муроҷиати дастаҷамъона – 2 (соли 2021 - 1) адад.

Новобаста аз фароҳам овардани шароит ва ташвиқу тарғиби масъалаи шахсан муроҷиат намудани кӯдакон соли 2022 аз 44 муроҷиати хаттӣ танҳо 1 муроҷиат аз ҷониби ноболиғ ворид гардида, 43 муроҷиати дигар ба манфиати ноболиғон аз ҷониби падару модар ё дигар намояндагони қонунии онҳо пешниҳод шудааст. Дар муроҷиатҳои хаттӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои

беҳтарини 59 кӯдак (37 писар ва 22 духтар) мусоидат пурсида шудааст.

Аз сабаби он ки, аксар ҳолат аз ном ва ба манфиати кӯдакон падару модар ва дигар намояндагони қонунӣ муроҷиат мекунанд, омор ва мушаххасоти муҳими кӯдакон номаълум боқӣ мемонад. Зеро, дар дафтарҳои бақайдгирии омории муроҷиатҳо талаботи муайян пешбинӣ нашудааст ва он ба қайд гирифта намешавад.

Соли 2022 зимни қабули муроҷиатҳо вобаста ба теъдод, синну сол, ҷинс ва маъюбии кӯдакони аз ном ва ба манфиаташон муроҷиатшуда, дар парвандаҳо қайдҳои алоҳида ворид карда шуданд. Омори синну сол ва ҷинси кӯдаконе, ки аз ном ва ба манфиаташон муроҷиат шудааст, чунин аст:

| | |
|---|---|
| Шумораи умумӣ | 59 нафар |
| Ҷинс: | |
| Писар | 37 нафар |
| Духтар | 22 нафар |
| Синну сол: | |
| то 1 сола | 1 нафар |
| 1 сола | 3 нафар |
| 2 сола | 4 нафар |
| 3 сола | 2 нафар |
| 4 сола | 4 нафар |
| 5 сола | 4 нафар |
| 6 сола | 7 нафар |

| | |
|---|---|
| 7 сола | 5 нафар |
| 8 сола | 1 нафар |
| 9 сола | 3 нафар |
| 10 сола | 3 нафар |
| 11 сола | 4 нафар |
| 12 сола | 6 нафар |
| 13 сола | 5 нафар |
| 14 сола | 2 нафар |
| 15 сола | 1 нафар |
| 16 сола | 1 нафар |
| 17 сола | 4 нафар |

Таҳлили муроҷиатҳои хаттӣ нишон медиҳад, ки бештар оид ба масъалаҳои сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ, муҳокимаи одилонаи судӣ ва муошират бо падару модар ва хешовандони наздик муроҷиатҳо ворид гардидаанд. Муроҷиатҳои хаттии дар соли 2022 воридгардида тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини кӯдакон дахл доранд:

– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ - 20 (соли 2021 - 23) адад.

– ҳуқуқ ба муошират - 8 (соли 2021 - 7) адад;

– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ - 5 (соли 2021 - 4) адад;

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ - 4 (соли 2021 - 4) адад;

– ҳуқуқ ба саломатӣ - 2 (соли 2021 - 1) адад;
– ҳуқуқ ба фардият - 2 (соли 2021 - 2) адад;
– ҳуқуқ ба манзил - 1 адад;
– ҳуқуқ ба моликият - 1 (соли 2021 - 1) адад;
– ҳуқуқ ба таҳсил - 1 (соли 2021 - 2) адад;

Аз 44 муроҷиати хаттӣ 9 муроҷиат дар Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон бо назардошти талаботи қонунгузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷиҳати ҳалли мусбати 5 муроҷиат мусоидат карда шудааст.

Зимни баррасии муроҷиатҳои хаттӣ маълум гардид, ки ҳолатҳои алоҳидаи вайрон гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд, ҷой доранд. Баъзе аз шаҳрвандон бо аъзои оила, аз ҷумла кӯдакони хурдсол ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, ки на ҳама вақт манфиатҳои беҳтарини кӯдакон таъмин карда мешавад. Масалан, ба Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиати Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдаки вилояти Иркутски Федератсияи Россия ҷиҳати гирифтани розигии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон А.А. ва Ғ.А. ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда барои муайян намудани васоят ва парасторӣ ва баргардонидани фарзанди ноболиғашон Ғ.М. ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Федератсияи Россия қарор дошт, ворид гардид. Бо мусоидати кормандони мақомот дар ҳамкорӣ бо масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе санаи 28 феврали соли 2022 нусхаи ҳуҷҷатҳои дахлдор таҳия

ва ба вилояти Иркутск ирсол карда шуд. Дар натиҷа шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонистанд фарзанди ноболиғашонро, ки дар Федератсияи Россия ғайриқонунӣ фарзандхонд шуда буд, ба Тоҷикистон баргардонанд. Мувофиқи мақсад аст, ки намояндагиҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ба ин масъалаҳо саривақт эътино зоҳир намоянд.

Ҳамчунин, ҳолати дигаре, ки ба раванди муҳоҷирати меҳнатӣ алоқаманд аст, ин ҳифзи ҳуқуқи кӯдаконе мебошад, ки падар ё модарашон шаҳрвандии Тоҷикистонро дорад. Масалан, шаҳрванди Федератсияи Россия И.А. муроҷиат намуда, ҷиҳати аз собиқ шавҳараш - шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон И.Ф. ситонидани алимент барои фарзанди ноболиғаш И.С. мусоидат пурсид. Дар ҳамкорӣ бо Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур баррасӣ гардида, маблағи боқимондаи алимент дар моҳи июли соли 2022 ба суратҳисоби муроҷиаткунанда ирсол карда шуд.

Мисолҳои алоҳидае низ ҳастанд, ки шаҳрвандон шикоят мекунанд, ки бе розигии падар ё модар махсусан, дар ҳолатҳои пас аз бекор кардани ақди никоҳ яке аз онҳо кӯдаконро ба давлатҳои хориҷа мебаранд ва ба муоширати фарзандон монеъ мешаванд. Бо чунин мазмун муроҷиати шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон А.Ҳ. оид ба муайян намудани ҷойи зиндагонии фарзандони ноболиғаш, ки аз ҷониби собиқ ҳамсараш С.Ҷ. берун аз ҳудуди Тоҷикистон бароварда шудаанд, баррасӣ гардида, барои мусоидат ба

Омбудсмени Туркманистон ирсол гардид. Бо мусоидати Омбудсмени Туркманистон муайян гардид, ки кӯдакон бо модарашон ҷойи зист ва шароити хуби зиндагӣ дошта, ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон соли 2022 дар асоси мурочиати шаҳрвандон дар ду мурофиаи судӣ иштирок намуданд.

Шаҳрвандон тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки иштироки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ё бо супориши хаттии ӯ иштироки кормандони мақомотро дар маҷлисҳои судӣ пешбинӣ менамояд, барои иштироки намояндаи мақомот муроҷиат менамоянд. Масалан, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Х.Қ. муроҷиат намуда, ҷиҳати таъмини иштироки намоянда дар мурофиаи сайёри судии Суди ноҳияи Рӯдакӣ, ки барои аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ баргузор мегардид, мусоидат пурсида буд. Намояндаи мақомот дар мурофиаи судӣ, иштирок намуда, аз натиҷаи мурофиаи судӣ манфиатҳои беҳтарини кӯдак таъмин карда шуданд.

Ҳамчунин, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон С.С. муроҷиат намуда, ҷиҳати таъмини иштироки намоянда дар мурофиаи судии марҳилаи кассатсионии Суди шаҳри Душанбе, аз болои ҳукми Суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе барои мавқуф гузоштани адои ҷазо мусоидат

пурсида буд. Намояндаи мақомот дар мурофиа иштирок намуд, даъвои шаҳрванд С.С. қонеъ карда шуда, адои ҷазо то ҳаштсола шудани кӯдаки ноболиғаш мавқуф гузошта шуд.

Соли 2022 аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 114 муроҷиатҳои шифоҳӣ қабул ва баррасӣ гардид. Аз ҷумла, 29 муроҷиати шифоҳӣ дар рӯзҳои қабул (сешанбе ва шанбе) ва 52 муроҷиати шифоҳӣ зимни қабули сайёри муроҷиатҳои шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак баррасӣ карда шуданд.

Аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ноҳияи Ховалинг 11 нафар (8 зан ва 3 мард), дар ноҳияи Муъминобод 13 нафар (9 зан ва 4 мард), дар ноҳияи Шаҳристон 14 нафар (5 зан ва 9 мард), дар шаҳри Гулистон 13 нафар шаҳрвандон (7 зан ва 6 мард) қабул карда шуданд. Шаҳрвандон асосан вобаста ба масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоии кӯдакони маъюб, муошírати кӯдакон бо волидайн ва хешовандони наздик, ҳифзи саломатии кӯдакон, гирифтани шаҳодатномаи таваллуд ва масъалаҳои дигар муроҷиат намуданд. Зимни қабул муайян гардид, ки ҳанӯз ҳам дар самти мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб ҳолатҳое вомехӯранд, ки падару модарон бинобар надонистани ҳуқуқҳои худ ва тартиби муроҷиат барои муайян намудани маъюбии кӯдакон ва ба расмият даровардани нафақаи маъюбӣ мушкилӣ мекашанд, ки ин ҳолатҳо ба саривақт баҳраманд нагардидани кӯдакон аз ҳуқуқу имтиёзҳои

пешбинигардида сабаб мешаванд. Вобаста ба масъалаҳои дар муроҷиатҳо гузошташуда ба шаҳрвандон маслиҳатҳои дахлдори ҳуқуқӣ дода шуданд.

Қабули шаҳрвандон дар ноҳияҳо бо иштироки роҳбарият ва масъулини соҳа доир гардида, дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда мусоидат карда шуд.

Соли 2022 аз ном ва ба манфиати кӯдакон 75 зан (соли 2021 - 66) ва 39 мард (соли 2021 - 33) муроҷиат намудаанд.

Муроҷиатҳои шифоҳӣ тибқи таснифот ба ҳуқуқу озодиҳои зерини инсон тааллуқ доштанд:

– ҳуқуқ ба сатҳи кофии зиндагӣ, ғамхории волидайн ва дар оила тарбия гирифтан, алимент, таъминоти иҷтимоӣ – 52 (соли 2021 - 11) адад;

– ҳуқуқи кӯдакони бо қонун дар мухолифат буда – 3 адад;

– ҳуқуқ ба муошират – 22 (соли 2021 - 2) адад;

– ҳуқуқ ба манзил – 7 (соли 2021 - 1) адад;

– ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, озод будан аз шиканҷа ва аз тамоми шаклҳои зӯроварӣ – 6 (соли 2021 - 1) адад.

– ҳуқуқ ба муҳокимаи одилонаи судӣ – 5 (соли 2021 - 3) адад;

– ҳуқуқ ба фардият – 5 адад;

– ҳуқуқ ба таҳсил – 4 адад;

– ҳуқуқ ба моликият – 1 адад;

– ҳуқуқ ба мусофират, интихоби озоди ҷойи зист – 1 адад;

– ҳуқуқ ба саломатӣ – 1 адад;

– дигар масъалаҳо – 7 адад.

Ба шаҳрвандоне, ки шифоҳӣ муроҷиат намуданд, маслиҳатҳои дахлдори ҳуқуқӣ дода шуда, аз 33 муроҷиати шифоҳӣ, ки аз ҷониби Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, 6 муроҷиат ҳалли мусбии худро ёфтанд.

Аз ҷумла, шаҳрванд А.Ш. истиқоматкунандаи ноҳияи Ҷ.Балхӣ ва мураббияи кӯдакистони №15 ин ноҳия муроҷиат намуда, хоҳиш кард, ки ҷиҳати бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ бо мудири муассисаи томактабӣ, ки фарзанди маъюбашро (22-23 сола, бемории рӯҳӣ дорад) бо худ ба ҷойи кор оварда, ба ҳаёт ва саломатии кӯдакону кормандони муассиса хатар эҷод мекунад мусоидат карда шавад. Вобаста ба масъалаи мазкур бо котиби Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва мудири Шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷ.Балхӣ суҳбат гузаронида шуда, мушкилоти ҷойдошта бартараф гардид.

Шаҳрванд Ғ.С. истиқоматкунандаи ноҳияи Деваштич муроҷиат карда, хоҳиш намуд, ки ҷиҳати ба ӯ баргардонидани кӯдаки хурдсолаш, ки падари шавҳараш иҷборан дар назди худ нигоҳ медорад, мусоидат карда шавад. Вобаста ба масъалаи мазкур бо раис ва котиби Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва масъулини мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳияи Деваштич суҳбат гузаронида шуда, кӯдак ба модараш баргардонида шуд.

Котиби Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки ноҳияи Ёвон Ҷ.Н. ҷиҳати ба таҳсил фаро гирифтани ноболиғ, ки бо падару модараш дар Хона-интернат барои калонсолон ва маъюбони

ноҳияи Ёвон истиқомат мекунанд, муроҷиат намуд. Вобаста ба масъалаи мазкур бо масъулини Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ намуда, ноболиғ дар Мактаб-интернати ноҳияи Ёвон ба таҳсил фаро гирифта шуд.

Ноболиғ Н.Ё. муваққатан ҷойи муайяни истиқомат надорад муроҷиат намуда, ҷиҳати ҷойгир намуданаш ба муассисаи кӯдакона мусоидат пурсидааст. Вобаста ба масъалаи мазкур бо масъулини кор бо ноболиғони Вазорати корҳои дохилӣ корбарӣ карда шуд. Дар натиҷа ноболиғ Н.Ё. ба равоншиноси Қабулгоҳ-таҳвилгоҳ барои ноболиғони Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе барои муваққатан ҷойгир намудан дар қабулгоҳ супорида шуд.

Роҳбари ТҶ “Диёр” ба манфиати ноболиғ Ш.В. муроҷиат намуда, ҷиҳати ҷойгир намуданаш ба муассисаи кӯдакона мусоидат пурсид. Вобаста ба масъалаи мазкур бо котиби Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки шаҳри Хуҷанд корбарӣ карда шуд. Маълум гардид, ки ноболиғ бо модараш ҷойи зисти муайян надоранд. Дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдори шаҳри Хуҷанд ноболиғ Ш.В. ба Маркази солимгардонии кӯдакони шаҳри Хуҷанд ҷойгир карда шуда, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №2 шаҳри Хуҷанд ба таҳсил фаро гирифта шуд.

Шаҳрванд С.Д. сокини шаҳри Кӯлоб муроҷиат намуда, хоҳиш кард, ки ба оилаи онҳо кӯмаки моддӣ расонида шавад, зеро дар тарбияи вай ду кӯдаки маъюб, яке фарзанди худаш ва дигаре фарзанди хоҳараш, ки дар қайди ҳаёт нест, қарор доранд. Бо мусоидати кормандони мақомот аз тарафи

Ташкилоти ҷамъиятии “Кумитаи волидайни кӯдакони имконияташон маҳдуд” дар шаҳри Кӯлоб ба оилаи С.Д. маҳсулоти хӯрока кӯмак расонида шуд.

Таҳлили раванди қабул ва баррасии мурочиатҳо аз ном ва ба манфиати кӯдакон нишон медиҳад, ки самаранокии мусоидат, барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон аз эътинои сариваҷтии мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аҳли ҷомеа вобастагии амиқ дорад.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани раванди қабул ва баррасии мурочиатҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- такмили қонунгузории амалкунанда ва таҳкими механизми мурочиати кӯдакон;
- таҳия ва ҷорӣ намудани тартиби қабул ва баррасии мурочиати кӯдакон дар мақомоту идора ва муассисаҳо;
- сариваҷт эътино зоҳир намудан ҷиҳати барқарорсозии ҳуқуқҳои вайроншуда ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон.

## 1.2. Такмили қонунгузорӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак

Такмили қонунгузории амалкунанда ва таҳияву қабули санадҳои нав пеш аз ҳама ба амалисозии талаботҳои ҷомеа ва рушд нигаронида шуда, бевосита ё бавосита ба ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон равона мешаванд.

Бо дарназардошти омӯзиш, таҳлил, мушоҳида ва пешниҳодҳои асоснок, ба инобат гирифтани таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ пайваста ба қонунгузории миллӣ тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак низ дар ин раванд иштирок намуда, барои такмили қонунгузорӣ ба лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулоса медиҳад ва дар маърӯзаҳои солонаи худ тавсияҳои дахлдор пешниҳод менамояд.

Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакро дар Тоҷикистон як қатор кодексҳо, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ба танзим медароранд. Омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон нишон медиҳад, ки муқаррароти танзимкунандаи соҳаи кӯдак дар шакли Кодекс муттаҳид карда шудаанд.

Соли 2022 аз ҷониби кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба 16 лоиҳа (соли 2021 – 7) аз ҷумла, 8 лоиҳаи Қонун, 1 лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, 1 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 лоиҳаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак равона шуда буданд, хулосаҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Аз ҷумла, дар ин робита метавон аз ба имзо расидани қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва "Дар бораи маориф", қабули Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027, ки ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои беҳтарини кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд, махсусан ёдоварӣ намуд.

Тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 47, 71, 138, 139, 141, 142 ва 142(1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд. Аз ҷумла, ба моддаи 47, ки ба намудҳои ҷазо бахшида шудааст як намуди нави ҷазо – якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян илова карда шуд. Ҳамчунин, моддаи нав $50^1$ бо мазмуни зерин: "Якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян" илова карда шуд, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва машғул шудан ба фаъолияти муайян ба шахсе татбиқ карда мешавад, ки ҷиноятро нисбат ба ноболиғ содир кардааст ва он дар санксияи моддаҳои Боби 17 (Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст ва он аз манъ кардани ишғоли мансаб ва ё фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатии соҳаи маориф, тарбия, инкишофи ноболиғон, ташкил намудани истироҳат ва солимгардонӣ, таъминоти тиббӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ, дар соҳаи варзиши кӯдакону наврасон, фарҳанг ва санъат бо иштироки ноболиғон, инчунин машғул шудан ба чунин фаъолият дар асоси инфиродӣ ё фаъолияти дигаре, ки кор бо ноболиғонро дар бар гирифтааст, иборат аст.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 71 дар ҳолатҳои алоҳида шартан татбиқ накардани ҷазоро пешбинӣ мекунад. Дар робита ба тағйироту иловаҳои нав, минбаъд шартан татбиқ накардани ҷазо нисбати шахсе, ки барои ҷинояти бо қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138 (Таҷовуз ба номус), қисмҳои 2) – 4) моддаи 139 (Ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ), моддаи 141 (Алоқаи ҷинсӣ ва дигар ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонӣ бо шахсе, ки ҳанӯз ба синни шонздаҳсолагӣ нарасидааст), моддаи 142 (Ҳаракати бадахлоқона) ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи 142[1] (Алоқаи ҷинсӣ, дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонидошта ё ҳаракатҳои бадахлоқона бо суйистифода аз ҳиссиёт ва боварии динӣ)

пешбинишуда ба ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудааст, татбиқ карда намешавад.

Ҳамчунин тибқи талаботи моддаи 75 Кодекси ҷиноятӣ, ки ба озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби гузаштани мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан бахшида шудааст, мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нисбати шахсоне, ки ҷинояти пешбининамудаи қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) – 4) моддаи 139, моддаҳои 141 – 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи 142[1] Кодекси мазкурро содир намудаанд, татбиқ карда намешавад. Яъне новобаста аз гузаштани мӯҳлат шахсони ҷинояткор ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Илова ба ин, минбаъд шахсоне, ки барои ҷинояти бо қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) – 4) моддаи 139, моддаҳои 141 – 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи 142[1] Кодекси мазкур пешбинишуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, адои ҷазо менамоянд, тибқи банди г) қисми 7) моддаи 76 шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод татбиқ карда намешавад.

Қисми 5 моддаи 81 Кодекси мазкур низ таҳрир гардида, минбаъд озод кардан аз адои ҷазо бо сабаби гузаштани мӯҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ нисбати шахсоне, ки барои ҷинояти бо қисмҳои 2) ва 3) моддаи 138, қисмҳои 2) – 4) моддаи 139, моддаҳои 141 – 142 ва қисмҳои 2) ва 3) моддаи 142[1] Кодекси мазкур маҳкум шудаанд, татбиқ карда намешавад.

Дар доираи тағйиру иловаҳои қабулшуда санксия ва диспозитсияи баъзе қисмҳои моддаҳои 138, 139, 141, 142 ва

142[1] пурзӯр карда шудаанд. Масалан, ба санксияҳои қисми 2) ва қисми 3) моддаи 138 ҷазои бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян илова карда шудааст.

Санксияҳои қисми 2, қисми 3 ва қисми 4 моддаи 139 пурзӯр ва муҳлати адои ҷазо дар қисми 2 аз ҳафт то дувоздаҳ сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ва дар қисми 3 аз дувоздаҳ то бист сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян зиёд карда шудааст. Дар қисми 4 ҳамин модда бошад илова ба зиёд кардани муҳлат аз бист то бисту панҷ сол бо якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ҳамчунин ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин ба санксияи қисмҳои 1, 3 ва диспозитсияи банди “в” қисми 2 моддаи 141, санксияи қисми 1 ва диспозитсияи банди “в” қисми 2 моддаи 142 ва санксияи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 142[1] тағйиру иловаҳо ворид шуда, ҷазои якумра маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан бо фаъолияти муайян пешбинӣ мегардад.

Дар ин замина, талабот барои машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ дар самти кор бо ноболиғон, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, бозбинӣ гардида, моддаи 288[1] (Маҳдудиятҳо оид ба машғул шудан бо

фаъолияти меҳнатӣ дар самти кор бо ноболиғон) илова карда шуд.

Моддаи мазкур қабули шахсони ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ ҷиноят содир карда, барои ҷинояти хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, дигар ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин доғи судӣ дошта ва гирифтори бемориҳои муайянбударо барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар соҳаи кор бо ноболиғон манъ кардааст.

Ин муқаррарот яке аз иқдомҳои муассири Ҳукумати Тоҷикистон дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон ва таъмини манфиатҳои беҳтарини онҳо ба ҳисоб рафта, бояд пайваста ташвиқу тарғиб карда шавад. Зеро, огоҳонии аҳолӣ вобаста ба пурзӯр шудани ҷазо нисбати чунин ҷиноятҳо барои дар оянда пешгирӣ намудани онҳо мусоидат менамояд.

Агар механизми татбиқи ин муқаррароти қонунгузорӣ дуруст ба роҳ монда шавад, мо бо итминони комил гуфта метавонем, ки ҷинояткорӣ нисбати ноболиғон ба маротиб кам гардида, ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон ҳифз ва манфиатҳои беҳтарини онҳо таъмин карда мешаванд.

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак аз амалисозии тавсияҳои сохторҳои махсус ва шартномавии СММ низ вобастагӣ дорад. Дар Тоҷикистон дар доираи ухдадориҳои байналмилалӣ дар ин самт пайваста нақшаҳои миллии амал таҳия ва тасдиқ гардида, ҷиҳати амалишавии онҳо тадбирҳои муассир андешида мешаванд.

Соли 2022 амалисозии Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо вобаста ба Гузориши муттаҳидаи сеюм ва панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак барои солҳои 2018-2022; Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо вобаста ба гузориши нахустини Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалишавии Протоколи иловагӣ ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак вобаста ба савдои кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон барои солҳои 2018-2022; Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо вобаста ба гузориши нахустини Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалишавии Протоколи иловагӣ ба Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак вобаста ба иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона барои солҳои 2018-2022 ва Нақшаи миллии амалҳо оид ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо барои солҳои 2020-2024 идома дода шуд.

Аз ҷумла, бо дарназардошти ба анҷом расидани муҳлати амалисозии Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо вобаста ба Гузориши муттаҳидаи сеюм ва панҷуми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак барои солҳои 2018-2022; Нақшаи миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо вобаста ба гузориши нахустини Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалишавии Протоколи иловагӣ ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак вобаста ба савдои кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакон ва порнографияи кӯдакон барои солҳои 2018-2022; Нақшаи

миллии амалҳо ҷиҳати иҷрои тавсияҳо вобаста ба гузориши нахустини Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалишавии Протоколи иловагӣ ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак вобаста ба иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона барои солҳои 2018-2022 маълумоти муфассал омода гардида ба котиботи Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон пешниҳод карда шуд. Дар ин замина, моҳи майи соли 2022 Гузориши муттаҳидаи шашум ва ҳафтуми Тоҷикистон оид ба иҷрои Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак пеш аз муҳлат омода ва ба Кумита оид ба ҳуқуқи кӯдаки СММ ирсол карда шуд.

Ҳамчунин, ҷиҳати иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо барои солҳои 2020-2024, аз ҷумла тавсияҳои 44 ва 45 Нақшаи миллии амалҳо, ки ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак дахл доранд, маълумот пешниҳод карда шуд.

Таҷрибаи фаъолият ва таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аҳолӣ ва махсусан субъектони кор бо ноболиғон дар бештари ҳолат аз навгониҳои қонунгузорӣ, уҳдадориҳои байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ аз набзи ҳолати ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон иттилои кофӣ надоранд.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам такмил додани қонунгузории амалкунанда ва таҳкими механизми иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– такмили қонунгузории амалкунанда ва таҳкими механизмҳои ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон;

– омӯзиши масъалаи таҳия ва қабули Кодекси кӯдак;

– андешидани чораҳои дахлдор ҷиҳати амалисозии тавсияҳои сохторҳои махсус ва шартномавии СММ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак;

– иттилоотонии саривақтии аҳолӣ вобаста ба навгониҳои қонунгузорӣ дар масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак аз ҷониби субъектони кор бо ноболиғон.

## 1.3. Боздид, мониторинг ва санҷиши вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдак

Бо мақсади аз наздик шиносоӣ пайдо намудан ба вазъи таъмин ва риояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон пайваста санҷишу мониторинг гузаронида шуда, боздидҳо ба амал бароварда мешаванд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар доираи амалисозии Нақшаи миллии амалҳо вобаста ба иҷрои тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак барои солҳои 2018-2022, Нақшаи кори Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак барои соли 2022, Стратегияи фаъолияти мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2022 рӯзҳои 20-23 сентябри соли 2022 ба ноҳияҳои Ховалинг ва Мӯъминободи вилояти Хатлон ва 2-6 ноябри соли 2022 ба шаҳри Гулистон ва ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд ташриф оварда, аз вазъи таъмин ва риояи ҳуқуқҳои кӯдакон шинос шуд.

Зимни сафарҳои корӣ бо роҳбарият ва масъулини сохторҳои кор бо ноболиғон оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва мушкилоти ҷойдоштаи соҳа, суҳбатҳои алоҳида гузаронида шуда, бо масъулини шуъбаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, раисони

ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вохӯриҳо баргузор гардиданд.

Дар вохӯриҳо оид ба сиёсати давлатӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон, амалишавии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва протоколҳои иловагии он, вазифа ва нақши мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак", "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила", навгониҳои қонунгузорӣ, эҳтироми фикри кӯдакон дар раванди ҳаёти оилавӣ, аҳамияти таълиму тарбияи кӯдак дар оила ва таъсири манфии фиристодани кӯдак ба муассисаи будубоши доимӣ маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Ҳамзамон, масъалаҳо доир ба дастрасии кӯдакон ба таҳсил, хадамоти тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, мушкилоти кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, таҳсилоти кӯдакони маъюб ва ғайра мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуданд. Аз ҷониби иштирокчиён, ҷиҳати ҳифз ва пешбурди ҳуқуқҳои кӯдакон ва барои муайян намудани маъюбии кӯдакон таъсис додани комиссияҳои ташхиси тиббию иҷтимоии иловагии сайёр пешниҳодҳо манзур гардиданд.

Инчунин, оид ба пешгирӣ намудани омилҳои номатлуб дар байни наврасон ба монанди мунокишаҳои гурӯҳӣ, зӯроварӣ нисбати кӯдакон ва қатъи таҳсили духтарон дар зинаи сеюми таҳсилот тавсияҳо дода шуданд. Ба иштирокчиёни вохӯриҳо маърӯзаҳои Ваколатдор оид ба

ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021, маҷаллаи “Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон”, брошюраи “Ҳуқуқҳои худро муҳофизат намо” ва дигар маводи иттилоотӣ дастрас гардид.

Дар соли 2022 тибқи Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 24 санҷиш ва 8 мониторинг, дар маҷмӯъ 32 (соли 2021 - 22) санҷишу мониторинг дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №16 ноҳияи Шоҳмансур, №18 ноҳияи Фирдавсӣ, №70 ноҳияи Исмоили Сомонӣ ва №99 ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №1 ноҳияи Қубодиён, №1 ноҳияи Дӯстӣ, №6 ноҳияи Ховалинг ва №33 ноҳияи Мӯъминобод, Мактаби махсуси ҷумҳуриявии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Литсейи касбӣ-техникии махсуси шаҳри Душанбе”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии “Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби Чорбоғ” дар ноҳияи Варзоб, Комплекси кӯдакистон – мактаби махсус барои кӯдакони қувваи босираашон суст ва нобинои шаҳри Хуҷанд, шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Панҷакент ва ноҳияҳои Балҷувону Дӯстӣ гузаронида шуданд.

Зимни санҷиш бо роҳбарият ва тарбиятгирандагони муассисаҳо суҳбату вохӯриҳо гузаронида шуда, оид ба муҳтавои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дастовардҳои Тоҷикистон дар самти ҳифзи

ҳуқуқи инсон, фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон, муқаррароти қонунгузории миллӣ дар самти таълиму тарбия, масъулияти падару модар дар ин раванд, танзими анъана ва ҷашну маросим, пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон, хатару таҳдидҳои гурӯҳҳои ифротӣ ва террористӣ маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Дар ин робита, ҷиҳати амалисозии Нақшаи кори Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 дар шаҳрҳои Панҷакент ва Гулистон, ноҳияҳои Балҷувон, Дӯстӣ, Мӯъминобод, Ховалинг, Қубодиён, Шаҳритус ва Шаҳристон вобаста ба омӯзиши масъалаҳои дар муҳити оилаи солим ба воя расидани кӯдакон бо иштироки Комиссияҳои маҳаллии ҳуқуқи кӯдак вохӯриву мулоқотҳо анҷом дода шуданд.

Зимни вохӯриҳо ва омӯзиши фаъолият маълум гардид, ки нақшаҳои кории комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдаки шаҳру ноҳияҳои зикршуда бе таҳлили вазъи воқеии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ва такрори бандҳои солҳои гузашта таҳия гардидаанд. Аъзои комиссия аз мавҷудияти барномаҳои соҳавӣ, нақшаҳои миллии амалҳо оид ба иҷрои тавсияҳои сохторҳои шартномавии СММ маълумот надоранд.

Дар бештари ҳолатҳо фаъолияти комиссияҳо танҳо ба фаъолияти котиби комиссия нигаронида шудааст, ки хилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Барои ҳифзи ҳуқуқу озодӣ

ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак дар сатҳи маҳаллӣ мавҷудияти танҳо як воҳиди кории котиби комиссия кофӣ нест. Вазъ дар шаҳру ноҳияҳое, ки аҳолии зиёд доранд боз ҳам нигароникунанда боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, мувофиқи мақсад аст, ки бо дарназардошти шумораи аҳолӣ дар чунин шаҳру ноҳияҳо бахши ҳуқуқҳои кӯдак таъсис дода шавад. Вазъи мазкур ба сатҳу сифати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак бетаъсир намемонад.

Инчунин, дар доираи фаъолияти Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Муассисаи ислоҳии ЯТ 9/5 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/5 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд, Муассисаи ислоҳии ЯС 3/9 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон, Тавқифгоҳи нигоҳдошти муваққатии Шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Ш.Шоҳини вилояти Хатлон, шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияҳои Нуробод ва Сангвор ва Қисми ҳарбии 15426 Вазорати мудофиа дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мониторинг ва чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд.

Санҷишу мониторинг ва боздидҳои дар муассисаҳои кӯдакона дар давоми соли 2022 гузаронидашуда, дар доираи баргузории мизи мудаввар бахшида ба Ҳафтаи ҳуқуқи инсон, ки санаи 8 декабри соли 2022 дар меҳмонхонаи “Серена” бо

иштироки васеи намояндагони мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, шарикони рушд ва воситаҳои ахбори омма баргузор гардида буд, натиҷагирӣ карда шуда, барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи таъмини ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон ва таҳким бахшидан ба ҳамкориҳо тавсияҳои мушаххас дода шуданд.

## 1.4. Таҳкими ҳамкориҳо ва иттилоотонии ҷомеа вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдак

Барои ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд нақши муайянкунанда доранд. Дар ин замина, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак бо мақомоту идораҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва дигар субъектони ҷомеа, ки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон мусоидат карда метавонанд ҳамкориҳоро ба роҳ мондааст.

Чунин ҳамкориҳо ба таҳкими механизми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, такмили қонунгузорӣ ва стандартҳои кор бо кӯдакон, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдакон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектони кор бо кӯдакон ва бартараф намудани мушкилот дар ин самт равона шудаанд.

Дар ин робита ҷиҳати амалисозии бандҳои дахлдори Нақшаи миллии амалҳо оид ба татбиқи тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, Нақшаи кори Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак, Стратегияи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои солҳои 2021-2025 ва Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2022 дар ҳамкорӣ бо Намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон (ЮНИСЕФ) нақшаи якҷояи нав дар мувофиқа бо Дастгоҳи

иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва амалӣ гардид.

Таҳкими механизми миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак тавассути баланд бардоштани иқтидори кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз афзалиятҳои муҳими Стратегияи фаъолияти мақомот барои солҳои 2021-2025 ба ҳисоб меравад. Дар ин самт роҳбарияти мақомот ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани малакаи касбии кормандони дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон пайваста чораандешӣ менамояд.

Дар ин робита Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии "Ташаббуси ҳуқуқӣ" ва мусоидати Намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ дар Тоҷикистон рӯзҳои 18-19 марти соли ҷорӣ дар мавзӯи "Баинобатгирии ҷанбаҳои гендерӣ ҳангоми муносибат бо духтарон – ҷабрдидагони зӯроварӣ. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳифзи онҳо" тренинги омӯзишӣ баргузор намуд.

Масъалаи мазкур ҷузъи муҳими лоиҳаи "Нури Рушноӣ" мебошад, ки ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани нақши занону духтарон дар ҷомеа аз ҷониби якчанд мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд татбиқ мегардад.

Зимни тренинг кормандони мақомот барои гузаронидани суҳбатҳо дар доираи фокус-гурӯҳҳо бо духтарон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ омода гардида, барои идома додани фаъолият дар ин самт тавсияҳо гирифтанд. Аз натиҷаи

баргузории тренинг барои иштирокчиён номгӯи саволҳои эҳтимолӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар муҳити мактаб пешниҳод карда шуд.

Ҳамчунин, рӯзҳои 11-14 майи соли 2022 кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак дар тренинги омӯзишӣ дар мавзӯи "Расонидани кӯмак ба кӯдакони осебпазир дар ҳолатҳои фавқуллода", ки аз ҷониби Намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ баргузор гардид, иштирок намуда, бо таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти расонидани кӯмак ба кӯдакон дар шароити хатару ҳолатҳои фавқуллода шиносоӣ пайдо намуданд.

Ташкил намудани курсҳои бозомӯзӣ барои кормандони вазорату идораҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, котибони комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак ва дигар субъектони соҳа вобаста ба механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак самараи хуб медиҳад.

Ҷиҳати иҷрои сархати ҳафтуми банди 1 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2016 №8 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 ва вазифаҳо барои соли 2016» ҷиҳати таъмини иҷрои саривақтӣ ва самарабахши тавсияҳои мақомоти СММ ва дигар масъалаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон дар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ кормандони масъул (шахсони тамос) муайян шудаанд.

Бо назардошти таҳким бахшидани иқтидори вазорату идораҳо дар самти иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ,

тақвияти ҳамкориҳо бо Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва омода намудани шахсони тамос соли 2022 аз 31 май то 3 июн ва 27-29 октябр тренингҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд, ки масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдаконро низ фаро мегирифт.

Ҷиҳати мусоидат ба баланд бардоштани малакаи омӯзгорони фанни «Ҳуқуқи инсон» вобаста ба тарзу восита ва методикаи таълими ҳуқуқи инсон барои зиёда аз 120 омӯзгори фанни «Ҳуқуқи инсон»-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрҳои Бохтар, Хуҷанд ва Панҷакент ва ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе семинарҳои омӯзишӣ гузаронида шуд.

Дар доираи ҳамкориҳо бо Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои котибони комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо 12-17 сентябри соли 2022, барои кормандони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 ноябри соли 2022 ва барои сармутахассисон ва мутахассисони пешбари раёсатҳо (шуъбаҳо, бахшҳо)-и ҳуқуқи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ 16 ноябри соли 2022 курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуданд. Барои шунавандагони курсҳои мазкур аз ҷониби сардори Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар мавзӯъҳои “Нақши механизмҳои миллӣ ва байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон дар самти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон (аз

таҷрибаи мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, “Шарҳи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовард, мушкилот ва дурнамо” лексия-суҳбат гузаронида шуд.

Иштирок дар фаъолияти гурӯҳҳои корӣ низ дар доираи ҳамкориҳо тақвият ёфта, соли 2022 кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак дар кори 16 (соли 2021 - 11) гурӯҳҳои корӣ, ки ба масъалаҳои такмили санадҳои қонунгузорӣ ва барномавии соҳа, омӯзиши масъалаҳои ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба санадҳои байналмилалии соҳаи ҳуқуқи кӯдак, механизмҳои ҷамъоварии омори кӯдакон, такмили низоми фарзандхондӣ, таъмини муҳити бехатар барои кӯдакон, баргардонидан, тавонбахшӣ ва ҳамгироии кӯдакони аз минтақаҳои ҷангзада овардашуда бахшида шуда буданд, иштирок намуданд.

Соли 2022 Комиссияи ваколатдорон оид ба ҳуқуқи кӯдаки Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъсис дода шуда, 12 октябр дар ҷаласаи вазирони корҳои хориҷии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Низомномаи он тасдиқ карда шуд. Ҳадаф аз таъсиси Комиссияи ваколатдорон оид ба ҳуқуқи кӯдаки Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакони кишварҳои узви ин созмон буда, метавонад ҳамчун механизми иловагии минтақавӣ ҷиҳати боз

ҳам беҳтар намудани вазъи таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон мусоидат намояд.

Дар маҷмӯъ, соли 2022 кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак дар 25 (соли 2021 - 23) чорабиниҳои мухталиф оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак, ки аз ҷониби ҳамкорон аз мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор гардиданд, иштирок ва оид ба фаъолияти механизми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бо маърӯзаҳо баромад карданд.

Барои боз ҳам баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак тавассути гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ ва чопи маводҳои иттилоотӣ ва баромадҳо тариқи воситаҳои ахбори омма ҳамкориҳо тақвият дода шуданд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак дар давраи сипаришуда тариқи воситаҳои ахбори омма 43 баромад (соли 2021 - 35) намуданд аз ҷумла, 18 баромад дар телевизион (соли 2021 - 14), 13 баромад дар радио (соли 2021 - 6) ва 12 мақола дар матбуоти даврӣ ва электронӣ (соли 2021 - 15) ("Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон" (нашри махсус), сомонаи АМИТ "Ховар", маҷаллаи "Қонун ва ҷомеа" таъмин карда шуданд.

Зимни амалисозии фаъолияти иттилоотӣ, ки ба боз ҳам баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак равона шудааст Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии

ҳуқуқҳои кӯдак дар байни ҷомеа, аз ҷумла масъулини мақомоти давлатӣ, падару модарон ва дигар намояндагони қонунии онҳо, омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои кӯдакона оид ба мазмун ва муҳтавои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти қонунгузории соҳа, махсусан "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак", Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, стратегия ва барномаҳои давлатии амалкунанда, сана ва ҷашнҳои муҳими таърихӣ ва сиёсии Тоҷикистон, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, навгониҳои қонунгузорӣ, пешгирии шомилшавӣ ба гурӯҳу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва дастовардҳои ҷумҳурӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак ва таъмини манфиатҳои беҳтарини онҳо суҳбатҳои муфид доир намуданд.

# II. ВАЗЪИ РИОЯИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ КӮДАК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Кӯдакон дар низоми адолати судӣ

Дар ҷумҳурӣ ҷиҳати рушди низоми адолати судӣ нисбати ноболиғон пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар ин раванд қонунгузории миллӣ такмил дода шуда, стратегия ва барномаҳо қабул ва амалӣ мешаванд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон", Стратегияи ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятии Чумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №385 аз 25 июни соли 2020 тасдиқ карда шудааст, Барномаи миллии пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон барои солҳои 2020-2024, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №431 аз 30 июли соли 2020 тасдиқ карда шудааст ва Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони содирнамудаи ҳуқуқвайронкунӣ, ки дар ҷойҳои маҳдудӣ ва маҳрумӣ аз озодӣ адои ҷазо намудаанд барои солҳои 2020-2024", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №387 аз 25 июни соли 2020 тасдиқ карда шудааст, аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Ҳамзамон, соли 2022 аз ҷониби гурӯҳи кории байниидоравӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи пробатсия" таҳия гардид, ки қабули он метавонад ҷиҳати беҳтар гардидани фазои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва

иҷтимоӣ-равонии ҷомеа мусоидат намуда, ба кам шудани сатҳи ҷинояткорӣ оварда расонад.

Дар ҷумҳурӣ панҷ муассисаи низоми адолати судӣ нисбати ноболиғон: Мактаби махсуси ҷумҳуриявии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Литсейи касбӣ-техникии махсуси шаҳри Душанбе”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони ВКД дар шаҳри Душанбе, Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони ВКД дар шаҳри Хуҷанд ва Муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва кормадони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати омӯзиши вазъи будубоши ноболиғон дар ин муассисаҳо пайваста санҷишу мониторинг ва боздидҳо мегузаронанд.

Соли 2022 низ фаъолият дар ин самт идома дода шуда, дар Мактаби махсуси ҷумҳуриявии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Литсейи касбӣ-техникии махсуси шаҳри Душанбе”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе ва Муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 Сарраёсати иҷрои ҷазои

ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиш ва боздид ва тибқи нақшаи Гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/5 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд, тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатии шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияҳои Нуробод ва Сангвор мониторинг гузаронида шуд.

Зимни санҷиш муайян гардид, ки ба Мактаби махсуси ҷумҳуриявии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори суд писарони ноболиғи аз синни 10 то 15 сола, ки ҷиноят содир намудаанд ё бо кирдорҳои бадахлоқонаи худ тартиботи ҷамъиятиро мунтазам вайрон намуда, таълиму тарбияи махсусро талаб мекунанд, ҷойгир карда мешаванд. Мактаби махсус барои 120 нафар писарон пешбинӣ гардида, дар вақти санҷиш дар он 43 нафар ноболиғон аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд.

Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки барои нигоҳдории кӯдакон, таълиму тарбия, ҳифзи саломатӣ, таъминот бо ғизо, ҳолати санитарӣ ва риояи ҳуқуқҳои онҳо тамоми шароитҳо муҳайё карда шуда бошад ҳам, баъзе мушкилот ҷой доранд.

Ҳангоми омӯзиши варақаи шахсии тарбиятгирандагон муайян карда шуд, ки ноболиғ Д.А. соли таваллудаш 17 апрели соли 2010 дар асоси маълумотнома аз санаи 18.01.2022 №22, ки аз ҷониби Мудири ҳуҷраи бемориҳои руҳии Маркази саломатии шаҳри Ваҳдат ба ноболиғ дода шуда, дар қайди

беморихои рухии шахри Вахдат қарор доштани ӯро тасдиқ менамояд, ба Муассисаи мазкур ҷойгир карда шудааст. Ҳарчанд, ки тибқи банди 3.30 Оинномаи мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе ҷойгир кардани кӯдакони маъюб ва ноқисулақл дар Муассиса манъ карда шудааст.

Санҷиши Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии махсуси шаҳри Душанбе" нишон дод, ки тарбиятгирандагон ба таҳсилу касбомӯзӣ фаро гирифта шуда, барои онҳо тамоми шароитҳо муҳайё карда шудааст. Аммо, баъзе мушкилиҳо то ҳол ба назар мерасанд. Аз ҷумла, зимни санҷиш муайян гардид, ки бинои куҳнаи ошхонаи муассиса, ки истифода бурда намешавад, дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, барои саломатӣ ва ҳаёти кормандон ва тарбиятгирандагон хатар эҷод мекунад. Роҳбарияти муассиса иброз намуданд, ки дар ҷойи ин бино бояд варзишгоҳ ё толори варзишӣ аз тарафи сарпараст сохта шавад. Аз натиҷаи санҷиш, ҷиҳати додани иҷозат барои вайрон намудани биноҳои садамавӣ ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ мактуб ирсол карда шуд.

Деворҳои атрофи муассиса куҳнаву фарсуда буда, ба азнавсозӣ эхтиёҷ доранд. Инчунин, саҳни ҳавлии муассиса ба таъмир ниёз дорад. Толори фарҳангӣ низ ба талабот ҷавобгӯ набуда, истифодаи он ғайриимкон аст. Ҳангоми суҳбат омӯзгорон ва тарбиятгирандагон иброз намуданд, ки синфхонаи мусиқӣ бо таҷҳизотҳо ташкил карда шавад, зеро аксари тарбиятгирандагон истеъдоди сурудхонӣ ва навохтани асбобҳои мусиқиро доранд. Ин имконият медиҳад, ки барои

гузаронидани чорабиниҳо аз берун ҳунармандон даъват нашуда, бе харочоти иловагӣ худи тарбиятгирандагон чорабиниҳои фарҳангиро гузаронанд.

Санҷиши Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки он барои 30 нафар ноболиғ пешбинӣ шуда, дар он ҷо ноболиғон ба муҳлати на зиёда аз 30 шабонарӯз нигоҳ дошта мешаванд. Дар ҳолати истисноӣ муҳлати нигоҳдорӣ бо қарори Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки шаҳри Душанбе ба муҳлати то 30 шабонарӯзи дигар дароз карда мешавад. Бинои Қабулгоҳ соли 1952 сохта шуда, ба азнавсозӣ эҳтиёҷ дорад. Майдончаи саҳни бино барои гаштугузор дар ҳавои кушод ба талабот ҷавобгӯ набуда, бо таҷҳизотҳои зарурӣ таъмин карда нашудааст.

Муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, танҳо барои писарон маҳкумшудагони ноболиғи синни 14 то 18 сола, ки бо ҳукми суд адои ҷазо менамоянд, пешбинӣ шудааст. Муассиса имконияти ҷойгирнамоии 150 нафар ноболиғро дошта, дар назди он мактаби миёнаи шабонаи №12 фаъолият менамояд. Омӯзгорони мактаби мазкур аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешаванд.

Бинои таълимии Муассиса якқабата буда, дорои 8 синфхонаҳои таълимӣ мебошад ва ба азнавсозӣ эҳтиёҷ дорад. Китобҳои бадеӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ба

хонандагон дастрасанд, аммо баъзе аз китобҳои дарсӣ, аз ҷумла аз фанни ҳуқуқ, забони модарӣ ва таърих намерасанд.

Барои гаштугузори маҳкумшудагон шароит муҳайё карда шуда бошад ҳам, ҳангоми суҳбат маҳкумшудагон хоҳиш карданд, ки барои онҳо майдончаи варзишӣ бо таҷҳизоти дахлдор сохта шавад.

Инчунин, аз суҳбат бо роҳбарият маълум шуд, ки Муассиса ба шабакаи ягонаи гармидиҳӣ пайваст нашудааст. Ҳол он ки хатти гармидиҳӣ бо оби гарм ҳамагӣ дар масофаи 50 метр аз Муассиса дуртар ҷойгир мебошад.

Тибқи маълумоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи ноболиғоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ адои ҷазо менамоянд, дар маҷмӯъ 91 (соли 2021 - 70) нафарро ташкил медиҳанд, аз ҷумла дар тавқифгоҳи тафтишотӣ 38 нафар (соли 2021 - 35), дар муассисаи ислоҳии тарбиявӣ 51 нафар (соли 2021 - 35), дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ 2 нафар (духтар) адои ҷазо намуда истодаанд. Ҳамаи маҳкумшудагон, ки дар муассисаи тарбиявӣ адои ҷазо менамоянд, дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Омори мазкур нишон медиҳад, ки шумораи ноболиғон дар муассисаҳои ислоҳӣ ва иҷрои ҷазо нисбат ба соли гузашта 23 фоиз бештар гардидааст.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар низоми адолати судӣ нисбати ноболиғон пешгирии ҷинояткорӣ ба шумор меравад. Таҳлили сатҳи ҷинояткории ноболиғон дар соли 2022 нишон медиҳад, ки дар натиҷаи чораҳои андешидаи пешгирӣ ва

огоҳонии ҳуқуқвайронкунӣ, сатҳи содиршавии ҷиноят аз ҷониби ноболиғон кам шудааст. Тибқи маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ ва Прокуратураи генералӣ соли 2022 аз тарафи 737 ноболиғон (37 духтар ва 692 писар) ҷиноят содир гардидаст, ки нисбат ба соли гузашта 26 ҳолат ё 3,5% кам мебошад. Аз ин шумора 103 нафарашон хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 4 нафар хонандагони Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ, 1 нафар хонандаи Омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ ва 626 нафарашон ноболиғоне мебошанд, ки ба кору таҳсил фаро гирифта нашудаанд.

Нишондиҳандаҳои содиршавии ҷиноят аз ҷониби ноболиғон чунинанд:

– одамкушӣ 2 (соли 2021 - 3);

– қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ 7 (соли 2021 - 14);

– таҷовуз ба номус 1 (соли 2021 - 4);

– ҳаракатҳои зӯроварӣ дорои хусусияти шаҳвонӣ 7 (соли 2021 - 9);

– муносибати ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор 2 (соли 2021 - 4);

– дуздӣ 505 (соли 2021 - 528);

– қаллобӣ 6 (соли 2021 - 12);

– ғоратгарӣ 13 (соли 2021 - 14);

– роҳзанӣ 0 (соли 2021 - 5);

– авбошӣ 86 (соли 2021 - 86);

– дигар ҷиноятҳо 108 (соли 2021 - 84).

Кам гардидани шумораи ҷиноятҳо аз ҷониби ноболиғон аз тақвияти назорати ноболиғон, баланд гардидани масъулият дар таълиму тарбия, дуруст ба роҳ мондани чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ ва таҳкими ҳамкориҳои субъектони кор бо ноболиғон дарак медиҳад. Дар муқоиса ба соли 2021 ҷиноятҳои нисбат ба ноболиғон содиршуда тамоюли камшавӣ дошта бошанд ҳам, ташвишовар боқӣ мемонанд.

Дар соли 2022 нисбати ноболиғон 738 ҷиноят (2021 - 843) содир гардидааст, ки 105 ҳолат ё 14,2% кам мебошад, аз ҷумла:

– одамкушии барқасдона 11 (соли 2021 - 9);

– расонидани зарари вазнин ба саломатӣ 8 (соли 2021 - 7);

– таҷовуз ба номус 11 (соли 2021 - 19);

– расонидани зарари миёна ба саломатӣ 28 (соли 2021 - 18);

– ҳаракати зӯроварӣ дорои хусусияти шаҳвонӣ 49 (соли 2021 - 57);

– алоқаи ҷинсӣ бо шахси ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида 69 (соли 2021 - 81);

– ҳаракати бадахлоқона 31 (соли 2021 - 40);

– дуздӣ 18 (соли 2021 - 16);

– вайрон кардани қоидаи ҳаракат дар роҳ 193 (соли 2021 - 236);

– қаллобӣ 10 (соли 2021 - 10);

– ғоратгарӣ 7 (соли 2021 - 22);

– роҳзанӣ 3 (соли 2021 - 5);

– авбошӣ 50 (соли 2021 - 54);

– монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ 122 (соли 2021 - 116);

– ҷалби ноболиғ ба содир намудани ҷиноят 11 (соли 2021 - 10);

– ба шавҳар додани духтари ба синни никоҳӣ нарасида 6 (соли 2021-18);

– бастани ақди никоҳ бо шахсе, ки ба синни никоҳӣ нарасидааст 10 (соли 2021 - 10);

– худсарӣ 2 (соли 2021 - 0);

– дигар ҷиноятҳо 101 (соли 2021 - 11).

Таҳлили омори мазкур нишон медиҳад, ки новобаста аз кам шудани теъдоди ҷиноятҳо нисбати ноболиғон дар маҷмӯъ баъзе ҷиноятҳо аз ҷумла, одамкушии барқасдона, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, расонидани зарари миёна ба саломатӣ, монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии умумии асосӣ, ҷалби ноболиғ ба содир намудани ҷиноят, худсарӣ ва дигар ҷиноятҳо нисбат ба соли 2021 зиёд гардидаанд.

Вобаста ба ҳолатҳои ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба тарбияи ноболиғон, ки ба истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ нисбати онҳо алоқаманд мебошад, 21 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 21 нафар бо моддаи 174 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуда, шахсони гунаҳгор бо ҳукмҳои суд маҳкум шудаанд. Аз ин шумора, 6 адад нисбати омӯзгорон ва боқимонда нисбати падару модар мебошад. Оид ба истифодаи зӯроварии шаҳвонӣ нисбати

ноболиғон 78 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 60 нафар бо моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шуда, шахсони гунаҳгор бо ҳукмҳои суд аз озодӣ маҳрум карда шуданд.

Ҳамзамон, дар соли 2022 - 69 нафар (соли 2021 - 73) ноболиғ даст ба худкушӣ задаанд, ки аз ин шумора 38 нафар писар (2021 - 36) ва 31 нафарашон духтарон (2021 - 37) мебошанд, ки 69 ҳолати худкуширо худовезӣ ташкил медиҳад. Сабабу омилҳои худкушӣ гуногунанд: 6 нафар бинобар касалиҳои руҳӣ ва 63 нафар бо сабабҳои номаълум.

Оид ба ҳодисаҳои даст ба худкушӣ задани ноболиғон дар 4 (соли 2021 - 4) ҳолат бо моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба худкушӣ расонидан) нисбати шахсони гунаҳгор парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ҳамаи онҳо бо ҳукмҳои суд аз озодӣ маҳрум карда шуданд.

Тибқи маълумоти омории Вазорати корҳои дохилӣ соли 2022 ба Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи Вазорати корҳои дохилӣ 887 нафар ноболиғ (соли 2021 - 592) оварда шуда, аз онҳо бо мақсади ба таълиму тарбия фаро гирифтан 7 нафар дар Литсейи касбӣ-техникии махсуси шаҳри Душанбе ва 8 нафар ноболиғ-духтарон барои касбомӯзӣ дар Ташкилоти ҷамъиятии “Корвони Умед” ҷойгир карда шуданд.

Дар соли 2022 дар миқёси ҷумҳурӣ дар натиҷаи гузаронидани рейд ва амалиётҳои муштарак 16 290 (соли 2021 - 15 351) нафар ноболиғон барои ҳуқуқвайронкуниҳои гуногун ба сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оварда шудаанд. Аз ҷумла, барои:

– оворагардӣ 4 807 нафар (соли 2021 - 4 497);

– талбандагӣ 1097 нафар (соли 2021 - 794);

– кашидани бор дар бозорҳо 433 нафар (соли 2021 - 371);

– ҷамъоварии маблағи роҳкиро дар воситаҳои нақлиёти мусофиркаш 318 нафар (соли 2021 - 471);

– шустани воситаҳои нақлиёт дар ҷойҳои муқаррарнагардида 362 нафар (соли 2021 - 276);

– дар вақти дарс машғул шудан ба бозиҳои компютерӣ 2 268 нафар (соли 2021 - 2 401);

– фоҳишагӣ 1 нафар (соли 2021 - 9);

– ноболиғони бепарастор 167 нафар (соли 2021 - 165);

– истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ 26 нафар (соли 2021 - 23);

– фурӯшандагӣ дар ҷойҳои муқаррарнагардида 659 нафар (соли 2021 - 556);

– дуд додани испанд 462 нафар (соли 2021- 425);

– дигар ҳуқуқвайронкуниҳо 5 690 нафар (соли 2021 - 5 563).

Аз ҳисоби ноболиғони дастрасгардида 329 (соли 2021 - 340) нафари онҳо дар қайди профилактикӣ қарор дошта, 11 584 (соли 2021 - 12 172) нафари онҳо хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 760 нафар (соли 2021 - 832) хонандагони омӯзишгоҳи касбӣ - техникӣ, коллеҷҳо, техникумҳо, 2 109 нафар (соли 2021 - 2 090) ноболиғоне, ки дар ягон ҷой кор ва таҳсил намекунанд, 254 нафар (соли 2021 - 276) ноболиғони коргар, 203 нафар (соли 2021 - 195) ноболиғон аз оилаҳои носолим, 112 нафар (соли 2021 - 110) хонандагони мактаб-интернатҳои махсус мебошанд.

Омору нишондиҳандаҳои ҳуқуқвайронкунӣ нигаронкунанда боқӣ монад ҳам, тақвияти корҳо дар ин самт ҷиҳати пешгирии ҷинояткорӣ мусоидат мекунад.

Ҷиҳати бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ва моддаи 90 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 348 (соли 2021 - 12 282) нафар падару модарон ва дигар шахсони масъул ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуданд.

Сабабу омилҳои даст задани ноболиғон ба ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷумла, аз тарбияи падар ё модар маҳрум гаштани ноболиғон, яъне ҷудо шудани оилаҳо аз ҳамдигар, дар оилаҳои носолим тарбия гирифтани ноболиғон, дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани падар ё модар ва вогузор намудани тарбияи онҳо ба хешовандон, дуруст ба манфиати зеҳнии хонанда истифода набурдани техникаи компютерӣ, дуруст бо барномаи таълимӣ фаро нагирифтани хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ, дар сатҳи паст қарор доштани алоқаи муассисаи таълимӣ бо падару модар вобастагии амиқ дорад.

Дар асоси Созишномаи ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба масъалаҳои баргардонидани ноболиғон ба кишварҳои иқомати доимиашон аз Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 29 нафар ноболиғ ба ватан баргардонида шуда, дар Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи ноболиғони

Вазорати корҳои дохилӣ ҷойгир карда шуда, тибқи тартиби муқаррааргардида ба хешовандон ва наздиконашон супорида шуданд.

Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 - 426 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 563 нафар ноболиғ баррасӣ карда шуд. Аз ин шумора 398 парванда нисбат ба 521 нафар ноболиғ ҳукми айбдоркунанда баровaрда шуда, нисбати 24 нафар чораҳои хусусияти тарбиявидошта таъин ва 80 дархост оид ба чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтани ноболиғон қонеъ карда шудааст. Шумораи ҷабрдидагони ноболиғ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ 496 нафар, аз ҷумла, бо моддаи 104 Кодекси ҷиноятӣ 2 нафар, моддаҳои 110-111 Кодекси ҷиноятӣ 17 нафар, моддаи 138 Кодекси ҷиноятӣ 6 нафар, моддаи 167 Кодекси ҷиноятӣ 4 нафар, моддаи 212 Кодекси ҷиноятӣ 59 нафар, моддаи 237 Кодекси ҷиноятӣ 48 нафар ва моддаи 248 Кодекси ҷиноятӣ 7 нафар мебошад. Теъдоди ҳуҷраҳои дӯстона (хайрхоҳона) барои кӯдакон дар судҳои ҷумҳурӣ 7 ададро ташкил медиҳад, ки кофӣ нест.

Барои ҳамгироии муваффақонаи маҳкумшудагони ноболиғ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2020, №387 Дар бораи «Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ва ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024» қабул гардида, мавриди амал қарор дорад, ки ҳамоҳангсози татбиқи он Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳадафи барномаи мазкур тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазо намудаистода мутобиқ ба меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи адолати судӣ нисбат ба кӯдакон мебошад, ки барои ташаккул ва рушди низоми байниидоравии тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазо намуда замина мегузорад.

Ҷиҳати ҳамгироии иҷтимоӣ ва расонидани ёрии тиббӣ ба раёсатҳои тандурустӣ ва шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рӯйхати наврасони аз муассисаҳои ислоҳӣ озодшуда ирсол гардида, барои таъмин намудани хизматрасониҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ ба ин гурӯҳи ноболиғон супоришҳои қатъӣ дода шудааст. Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати расонидани кӯмакҳои моддӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ барои маҳкумшудагони ноболиғе, ки такроран ҷиноят содир намуда, дар муассисаи тарбиявӣ адои ҷазо намуда истодаанд, ҳамкориҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла “ВИТА”, “АФИФ”, “Ҳифзи кӯдак”, “ФЕНИКС” ба роҳ мондааст.

Аз 84 нафар маҳкумшудагони ноболиғ то имрӯз 42 нафар адои ҷазо намуда истодаанд, ки 10 нафари онҳо такроран ҷиноят содир намудаанд. Дар ин робита, ҷаласаҳо, семинарҳо ва машваратҳои корӣ вобаста ба масъалаҳои тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум

сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда, мубодилаи таҷриба ва таҳияи амалҳои муштарак ва барои кормандони мақомоти давлатии дахлдор, кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдак семинари омӯзишӣ гузаронида шудааст.

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти механизми миллии ҳифзи ҳуқуқи кӯдак мусоидат дар риояи ҳуқуқи кӯдак дар низоми адолати судӣ нисбати ноболиғон ба ҳисоб меравад. Соли 2022 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ҷиҳати шиносоӣ бо вазъи риояи ҳуқуқҳои тарбиятгирандагон ва шароити будубоши онҳо ба Мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ ташриф оварда, бо тарбиятгирандагон ва кормандон суҳбат доир намуд. Ҳангоми суҳбат масъалаҳои озод будани кӯдакон аз ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ, ҳуқуқи кӯдакон ба муошират бо падару модар ва хешовандон, ҳуқуқҳои кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, тарбияи дурусти насли наврас бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби онҳо, ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил ва аҳамияти он дар инкишофи шахсияти кӯдак, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, нақш ва вазифаҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Инчунин, барои кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии "Ташаббуси ҳуқуқӣ" рӯзҳои 18-19 марти соли 2022 дар минтақаи истироҳатии Шоҳамбарӣ дар мавзуи "Баинобатгирии ҷанбаҳои гендерӣ ҳангоми муносибат бо

духтарон-ҷабрдидагони зӯроварӣ. Ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳифзи онҳо” тренинг доир карда шуд.

Дар чорабиниҳо масъалаҳои вобаста ба принсипҳои бунёдии ҳуқуқи кӯдак дар робита бо ҳифзи кӯдакони ҷабрдида ва шоҳидони ҷиноят, механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои ин кӯдакон, ҷанбаҳои психологии кор бо кӯдакони ҷабрдида ва шоҳидони ҷиноят мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуданд.

Моҳи марти соли 2022 дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти ҷамъиятии “Ташаббуси ҳуқуқӣ” ва мусоидати Намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани ҳолати зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон (духтарон) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрҳои Исфара, Ҳисор, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Рӯдакӣ, Ёвон ва Восеъ аз ҳисоби духтарони синфҳои болоӣ фокус-гурӯҳҳо ташкил ва суҳбатҳо гузаронида шуд. Дар ҳар як вохӯрии фокус-гурӯҳҳо 10 нафар ноболиғи аз синни 14 то 18 сола, ҷамъ 40 нафар иштирок намуда, 8 нафар ҳамсолони онҳо ҳамчун мушоҳидачӣ ширкат варзиданд.

Дар доираи санҷиш бо маҳкумшудагон, омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои мазкур вохӯрӣ доир намуда, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хонандагон, ба таълиму тарбия фаро гирифтан, муҳим будани гирифтани таҳсилоти асосӣ барои ноболиғоне, ки аз таҳсил дур мондаанд, вобаста ба омилҳои вайрон шудани ҳуқуқу манфиатҳои ҷавондухтарони наврас ҷиҳати идомаи таҳсил ва таъмини таҳсилоти муносиб барои онҳо, пешгирии

ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон суҳбат гузаронида шуд.

Ҳамзамон дар ин давра санҷиши фаъолияти нозирони минтақавии шуъбаҳои ҳифзи тартиботи ҷамъиятии шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Восеъ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила ва ҳуҷраҳои тавонбахшии тиббию иҷтимоӣ барои ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила гузаронида шуд.

Натиҷаи санҷишҳо нишон дод, ки фаъолият дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Точикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” ба роҳ монда шуда, дар ин самт корҳои муайян амалӣ карда мешаванд. Аз ҷониби нозирон ҷиҳати пешгирии зӯроварӣ дар оила чораҳои фардӣ, аз қабили баровардани амрномаҳои муҳофизатӣ, баргузор намудани суҳбатҳои хусусияти тарбиявидошта, дастгиркунии маъмурӣ татбиқ карда мешавад. Кор бо оилаҳои ноустувор низ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти нозирон буда, бо чунин оилаҳо пайваста корҳои профилактикӣ бурда мешаванд.

Ҳамчунин, дар доираи сафарҳои мазкур бо намояндагони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Восеъ ва шаҳри Хуҷанд, фаъолон ва раисони маҳаллаҳо вохӯрӣ доир гардид. Зимни вохӯрӣ ба ҳозирин дар бораи сиёсати давлат дар самти риоя ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, талаботи қонунгузории ҷумҳурӣ вобаста ба таъмини ҳуқуқҳои занон ва кӯдакон, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон, фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак

дар самти мазкур, иҷрои уҳдадориҳои давлат дар ин самт, таъмини баробарии гендерӣ, пешгирии зӯроварӣ дар оила маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Дар давраи сипаришуда кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакон дар самти ҳифз ва таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон, масъулияти калонсолон дар тарбияи насли наврас, пешгирии кирдорҳои зиддиҷамъиятии ноболиғон, масъалаҳои оилавӣ, таҳсили кӯдакон ва дигар масъалаҳо дар воситаҳои ахбори омма баромадҳо намуданд.

Аз ҷумла, кормандони мақомот дар мавзӯи «Пешгирии шиканҷа ва муносибатҳои бераҳмона» дар Тавқифгоҳи тафтишотии ЯТ 9/5 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшани вилояти Суғд, шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияҳои Ш. Шоҳин, Нуробод ва Сангвор чорабинии иттилоотӣ гузарониданд. Инчунин, кормандони мақомот дар мизи мудаввар дар мавзӯи пешгирии ҷинояткорӣ, савдои одамон ва дигар ҷиноятҳои ба ҷомеа хавфнок, ки дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баргузор гардид ва ҳаштумин вохӯрии баамалбарории Стратегияи миллӣ ва Нақшаи амал оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иштирок ва суханронӣ намуданд.

Соли 2022 ба унвони Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак 7 муроҷиати хаттӣ ва шифоҳии шаҳрвандон оид ба масъалаҳои

низоми адолати судӣ ворид гардида, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи кӯдакон дар низоми адолати судӣ нисбати ноболиғон тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– такмили қонунгузорӣ ва таҳкими механизми татбиқи адолати судӣ нисбати ноболиғон;

– таъмини риояи ҳуқуқҳои ноболиғон дар низоми адолати судӣ;

– тақвият додани корҳои иттилоотонӣ ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон ва нисбат ба ноболиғон;

– пешгирии зӯроварӣ дар оила, мактаб ва ҷомеа бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ;

– мусоидат дар фаъолияти меҳнатии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазо намуда;

– дастгирии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазо намуда;

– тақвият додани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои махсуси кӯдакона;

– омӯзиши масъалаи сохтмони муассисаи тарбиявӣ барои духтарони душвортарбия;

– азнавсозии бинои Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе.

## 2.2. Ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳаёт ва саломатӣ

Кӯдакон ба ҳаёт ҳуқуқ дошта, аз ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат бархӯрдоранд. Аз ин лиҳоз, ҳифз ва дахлнопазирии ҳаёти кӯдакон яке аз воситаҳои муҳими таъмини генофонди миллат, бехатарии давлат ва рушди ҷомеа арзёбӣ гардида, дар маркази таваҷҷӯҳ ва сиёсати инсондӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Нишондиҳандаҳои мусбат ва дастовардҳои ҷумҳурӣ дар ин самт шоистаи таҳсин буда, сол то сол беҳтар мегардад. Яке аз ин дастовардҳо то 85 фоиз кам гардидани фавти кӯдакони то 5-сола ба ҳисоб меравад.

Аз маълумоти расмии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2022 бармеояд, ки дар ҷумҳурӣ 238 288 нафар (соли 2021 - 235 242) кӯдак таваллуд шудааст, ки аз ин шумора 118 667 (соли 2021 - 160 680) нафари онҳо духтарон мебошанд.

Яке аз рӯйдодҳои фараҳбахш дар ин самт - 23 июли соли 2022 таваллуд шудани кӯдаке аст, ки шумораи аҳолии Тоҷикистонро ба 10 миллион нафар расонд. Дар ин робита, тибқи дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ оилаи тифли навзодро бо хонаи истиқоматӣ таъмин намуданд.

Омори фавти кӯдакон дар соли 2022 ҳамагӣ 4 366 (соли 2021 - 4 821) нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо то 1 сола - 3 179 нафар (соли 2021 - 3 593), аз 1 то 4 сола - 626 нафар (соли 2021 - 660) ва аз 5 то 17 сола - 561 нафар (соли 2021 - 568) мебошанд.

Таҳлили омори мазкур нишон медиҳад, ки таваллуди кӯдакон нисбат ба соли 2021 - 3 046 нафар ё 1,3 фоиз зиёд гардида, фавти кӯдакон нисбат ба соли гузашта 455 нафар ё 9,4 фоиз кам гардидааст.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ сабабҳои асосии фавти кӯдакони то 1 соларо аз бемориҳои роҳҳои нафас, нуқсонҳои модарзодии инкишоф, бемориҳои сироятӣ, ҳолатҳои фавқулодда ва дигар ҳолатҳо медонад. Сабабҳои асосии фавти кӯдаконро садама, ҳолатҳои фавқулодда (сӯхтагиҳо, заҳролудшавӣ, ғарқшавӣ), нуқсонҳои модарзодии инкишоф (аз ҷумла, нуқсони модарзодии дил), сироятҳои шадиди роҳҳои нафас, меъдаву рӯда, бемориҳои системаи асаб ташкил медиҳанд.

Фавти кӯдакон бо сабабҳои кӯштор, садама, ҳолатҳои фавқуллода, аз ҷумла ғарқшавӣ ва махсусан ҳолатҳои худкушӣ ва кӯдакони хурдсолро кӯштани калонсолон дар соли 2022 нигаронкунанда аст. Масалан, 13-уми июни соли равон як зани 20-сола, сокини ноҳияи Ванҷ худ ва писари яксолаашро дар дарёи Язгулом ғарқ кардааст.

Бо сабаби риоя накардани қоидаҳои шиноварӣ ҳангоми оббозӣ дар рӯду кӯлҳои кишвар дар соли 2022 бештар аз 80 нафар ноболиғон ба ҳалокат расиданд, ки 11 нафари онҳо то

4-сола, 25 нафар аз 5 то 10 сола ва 44 нафар аз 11 то 16-сола буданд. Дар об ғарқ шудани ноболиғи 11-сола дар ноҳияи Ҷ.Балхӣ, ноболиғи 15-сола дар ноҳияи Ҳамадонӣ, ноболиғи 12-сола дар ноҳияи Рӯдакӣ, ноболиғи 14-сола дар шаҳри Ҳисор, 2 бародари 8 ва 10-сола дар ноҳияи Дарвоз, 2 хоҳари 10 ва 12-сола дар шаҳри Душанбе, ноболиғи 12-сола дар ноҳияи Данғара, ноболиғи 17-сола дар шаҳри Панҷакент, ноболиғи 9-сола дар ноҳияи Ёвон ва ноболиғи 7-сола дар ноҳияи Фархор ба ин мисол шуда метавонад.

Ҳолатҳои ғарқшавии кӯдакон пеш аз ҳама дар вақти таътили тобистона ва гармии ҳаво авҷ гирифта, дар рӯду обанборҳое, ки барои оббозӣ пешбинӣ нашудаанд, рӯх медиҳанд. Яке аз омилҳои асосии ғарқшавӣ бе назорати калонсолон кӯшиши оббозӣ кардан, надоштани малакаи шиноварӣ ва мавҷуд набудани марказҳои таълимии шиноварӣ дар аксари шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Фавти кӯдакон аз кӯштор, садама ва ҳолатҳои фавқуллода низ нигаронкунанда мебошад. Дар соли 2022 якчанд чунин ҳолатҳо рӯх доданд, ки аз беназоратӣ ва риоя накардани муҳити ҳифзкунандаи кӯдак дарак медиҳанд. Масалан, кӯштори бераҳмонаи ноболиғи 5-сола дар ноҳияи Дӯстӣ, ноболиғи 9-сола дар шаҳри Бохтар ва ноболиғи 11 сола дар шаҳри Душанбе, зери чархи мошин фавтидани зани 27-сола бо ду фарзанди ноболиғаш, ноболиғи 6-сола дар ноҳияи Айнӣ, ноболиғи 10-сола дар ноҳияи Кӯшониён, ноболиғи 5-сола дар ноҳияи Шаҳристон, ноболиғи 4-сола ва

нуҳсола дар шаҳри Панҷакент, ноболиғи 2-сола дар ноҳияи Данғара ва ноболиғи 6 сола дар ноҳияи Рӯдакӣ, зери хок мондани 4 ноболиғ дар шаҳри Кӯлоб, аз кӯҳ афтидани ноболиғи 16-сола дар шаҳри Панҷакент, дар садамаи нақлиётӣ ҳалок гардидани кӯдаки 6-сола дар ноҳияи Нуробод ва ноболиғи 17-сола дар шаҳри Душанбе.

Ҳолатҳои мазкур ҳуқуқи кӯдак ба ҳаётро халалдор месозад ва пеш аз ҳама аз падару модар, шахсонии ивазкунандаи онҳо, аҳли ҷомеа тақозо менамояд, ки назоратро дар самти ҳифзи кӯдакон пурзӯр намуда, ҷиҳати шаклгирии муҳити муҳофизаткунанда талош варзанд.

Андешидани чораҳои солимгардонӣ ва тандурустӣ низ ҷиҳати ҳифзи ҳаёти кӯдакон мусоидат мекунад. Дар ҷумҳурӣ барои таъмини ҳифзи саломатии кӯдакон заминаи зарурии меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси тандурустӣ, "Барномаи миллӣ оид ба солимии репродуктивии аҳолӣ барои солҳои 2019-2022", "Дурнамои пешгирӣ ва назорати бемориҳои ғайрисироятӣ ва осеббардорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2023", "Стратегияи ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ "Ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона", "Барномаи пешгирии фарбеҳӣ ва ташакули ғизои солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2024", "Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026", "Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027" «Стратегияи рушди устувори ғизои

мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2027» қабул ва амалӣ шуда истодаанд.

Ҷиҳати ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон нақши муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва муҷаҳҳаз намудани онҳо бо дастгоҳҳои замонавӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Аз маълумотҳои дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 ироагардида бармеояд, ки «Агар то соли 1991, яъне дар 70 соли замони гузашта дар мамлакат ҳамагӣ 2 862 муассисаву иншооти тандурустӣ бо 52 800 нафар корманд фаъолият дошта бошад, пас дар даврони соҳибистиқлолӣ, хусусан, дар 25 соли охир 2 827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта, ба истифода дода шудааст».

Вазъи саломатии кӯдаконро ба бемориҳои гуногун гирифтор шудани онҳо муайян мекунад.

Тибқи иттилои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи бемории кӯдакон чунин аст:

| Намуди беморӣ | Соли 2022 | Соли 2021 |
|---|---|---|
| Вируси норасоии масунияти одам | 1083 | 1106 |
| Камхунӣ | 32884 | 34328 |
| Диабети қанд | 1058 | 966 |
| Нуқсони модарзодии инкишоф | 13160 | 12091 |
| Нуқсони модарзодии дил | 4010 | 4895 |
| Камвазн таваллудшуда | 12253 | 19860 |
| Бемории сил | 381 | 349 |

Масъалаҳои мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатии кӯдакон пайваста аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак пайгирӣ карда мешаванд.

Дар соли 2022 барои муайян намудани вазъи таъмини ҳуқуқи кӯдакон ба саломатӣ ва дастрасӣ ба хадамоти тандурустӣ аз ҷониби кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Балҷувон ва Дӯстӣ санҷишҳо гузаронида шуданд.

Натиҷаи санҷишҳои мазкур нишон доданд, ки хизматрасонии тиббӣ ба кӯдакон хуб ба роҳ монда шуда, волидайни кӯдакон аз сатҳи хизматрасонии тиббӣ изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Хизматрасонӣ дар Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Балҷувон ва Дӯстӣ тибқи Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №600 аз 2 декабри соли 2008 тасдиқ шудааст, ба роҳ монда шуда, кӯдакони то яксола, кӯдакони маъюб ва гирифтори бемориҳои муайяне, ки қарори мазкур муайян намудааст,  ройгон табобат мегиранд.

Дар муассисаҳои мазкур ҳуҷраи ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона ташкил карда шуда, номгӯи муайяни доруҳо барои беморони то панҷсола аз рӯи тавсияи духтурон дар асоси доруxат ройгон дода мешавад. Инчунин, дар муассисаҳо

ҳуҷраи хатнагузаронӣ ташкил карда шудааст, ки аз тарафи мутахассисон ройгон хизмат расонида мешавад.

Зимни санҷишҳо муайян гардид, ки дар баробари пешравиҳо, баъзе мушкилиҳо низ дар муассисаҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, дар Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Балҷувон мутахасисони бемории пуст, чашм, руҳшинос, силшинос, гинеколог ва табиби сироятшинос намерасанд, дар Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Панҷакент таҷҳизотҳои тиббӣ - рентген, флюрограф аз солҳои 1978 ва 1984 мавриди истифода қарор дошта, ҳангоми муоина ба беморон ва ба худи табибон мушкилӣ эҷод мекунанд, даромадгоҳҳои биноҳо, инфрасохтори дохилӣ ва атрофи Шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Балҷувон ва Дӯстӣ ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб мутобиқат намекунанд, бинобар кам будани музди меҳнат ва набудани имтиёзҳо баъзе аз табибон ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд, ки ин боиси норасоии мутахассисон дар марказҳо гаштааст.

Инчунин, мувофиқи Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2022 дар Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии саломатии равонии кӯдакон ва наврасон” санҷиш гузаронида шуд.

Марказ сармуассисаи ҷумҳуриявӣ дар соҳаи бемориҳои равонии кӯдакон буда, дорои се шуъба: дармонгоҳӣ, статсионарии рӯзона ва шабонарӯзӣ буда, ҳамзамон дар назди Муассиса Машваратгоҳи тиббӣ-психиологӣ-педагогии

ҷумҳуриявӣ фаъолият менамояд. Инчунин, дар Муассиса ҳуҷраҳои кордармонӣ, АРТ-терапия, ОРИГАМА, дарсонвалдармонӣ, ҳуҷраи машқҳои инкишофи нутқӣ ва ақлонӣ, ҳуҷраи асабшинос, доругузаронӣ ва гӯшаи гиёҳдармонӣ барои табобати беморон омода карда шудааст.

Дар Муассиса кӯдакони аз синни 3 то 18 сола бо ташхисҳои гуногуни бемориҳои руҳию равонӣ бистарӣ гардида, саломатии худро барқарор менамоянд. Ташхис ва табобат дар Муассиса маҷмӯӣ буда, дар он на танҳо равонпизишк, балки табибони бемориҳои асаб, кӯдакона, занона, равоншинос, муаллими заъфи нутқ ва мураббия иштирок менамоянд.

Санҷиши бинои Муассисаи мазкур нишон дод, ки он дар ҳолати хуб қарор дошта, ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар рафти санҷиши бинои мазкур муайян карда шуд, ки инфрасохтори дохилӣ ва атрофи он ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб мутобиқ нест.

Зимни санҷиши ҳуҷраҳои хоби беморон муайян карда шуд, ки ҳуҷраҳои мазкур барои бистарӣ кардани беморон мутобиқат намекунанд. Роҳбарияти муассиса ҳолатро чунин шарҳ доданд, ки бинобар зиёд муроҷиат кардани беморон ва набудани шароити бистарӣ кардани онҳо аз рӯи имконият дар ҳар як ҳуҷраи хоб ба ҷойи 4 кати хоб, 6 - 8 кат ҷойгир карда шудаанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва кормандони мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар баробари санҷиши вазъи таъмини ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатии кӯдакон

бо масъулини соҳа ва падару модарон воҳӯриҳои иттилоотӣ гузаронида, оид ба муқаррароти қонунгузорӣ, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, татбиқи барномаву стратегияҳои давлатӣ ва соҳавӣ, дастовардҳои ҷумҳурӣ, сиёсати давлатӣ маълумотҳо пешниҳод намуда, ҷиҳати бартараф намудани норасоиҳои ҷойдошта тавсияҳо доданд.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи таъмини ҳуқуқи кӯдак ба ҳаёт ва саломатӣ тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– такмили қонунгузорӣ ва таҳкими механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак ба ҳаёт ва саломатӣ;

– таъсиси муҳити муҳофизаткунанда барои кӯдакон дар оила ва ҷомеа;

– таъсиси марказҳои омӯзиши шиноварӣ ва омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода барои кӯдакон дар назди муассисаҳои таълимӣ;

– пурзӯр намудани назорати кӯдакон аз ҷониби падару модар, шахсони онҳоро ивазкунанда ва аҳли ҷомеа;

– мутобиқ гардонидани инфрасохтори дохилӣ ва берунии ҳамаи муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб;

– андешидани чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии мутахассисони ҷавон дар соҳаи тиб;

– бо мутахассисони варзида ва таҷҳизотҳои тиббии муосир таъмин намудани муассисаҳои соҳаи тиб.

## 2.3. Ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб

Эҳтиром, ҳифз ва пешбурди ҳуқуқу озодиҳои кӯдакони маъюб яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Давлат барои ҳифзи кӯдакони маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд.

Кӯдакони маъюб бо дигар қишрҳои ҷомеа ҳуқуқҳои баробар доранд, ки ин ҳуқуқҳо аз Конститутсия ва қонунгузории миллӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии тасдиқнамудаи Тоҷикистон сарчашма мегиранд.

Яке аз иқдомҳои муҳим дар ин самт, ки Тоҷикистон марҳила ба марҳила ба амалисозии он наздик мешавад, тасдиқи Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон мебошад, ки ҳанӯз моҳи марти соли 2018 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он имзо гузошта буданд. Раванди мазкурро Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон, ки аз 27 феврали соли 2020 амалӣ мегардад, танзим менамояд.

Омори сол аз сол зиёдшавандаи шумораи кӯдакони маъюб дар Тоҷикистон нигаронкунанда боқӣ монда, зарурияти ҳарчӣ зудтар ҳамроҳ шудан ба Конвенсия, мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ андешидани чораҳои муассирро ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб тақозо менамояд.

Тибқи маълумоти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2023 шумораи кӯдакони маъюб дар ҷумҳурӣ 32 382 нафарро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 - 1367 нафар ё 4,4 фоиз афзудааст.

Тамоюли зиёдшавии шумораи кӯдакони маъюб дар ҷумҳурӣ характери табиӣ дошта, ба афзоиши аҳолӣ, таваллуди кӯдакон бо нуқсонҳои модарзодӣ ва бемориҳои ирсӣ-генетикӣ вобастагӣ дорад.

Ҳукумати Тоҷикистон барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакони маъюб дар панҷ соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузории буҷети давлатӣ тавассути пардохти нафақа, кӯмакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва уҳдадориҳои дигар зиёда аз 19 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2022 - 4,3 миллиард сомонӣ равона кардааст.

Масъалаи мазкур яке аз мавзӯъҳои муҳими паёму суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, Пешвои миллат пайваста рушди низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус кӯдакони маъюбро таъкид намуда, дар ин хусус дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд.

Аз ҷумла, дар паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 ба масъалаи баланд бардоштани андозаи нафақа, кӯмакпулӣ ва ҷубронпулиҳо диққати алоҳида дода шуда, Пешвои миллат дастур доданд, ки то охири соли 2022 ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон,

оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ кӯмаки молиявии яквақта дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловатан пардохт карда шавад, ки дар маҷмӯъ 285 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ супориш дода шуд, ки ҷиҳати аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кӯмакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо чораҷӯӣ намоянд. Аз 1 июни соли 2023 андозаи нафақаи заминавӣ дар ҷумҳурӣ 20 фоиз зиёд карда мешавад. Бояд қайд намуд, ки ҳисоби миёнаи нафақаи кӯдакони маъюб дар ҷумҳурӣ ба 308,47 сомонӣ баробар мебошад.

Итминон дорем, ки иҷроиши саривақтӣ ва самараноки супоришҳои мазкур ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардидани вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии оилаҳо, аз ҷумла кӯдакони маъюб мусоидат намуда, раванди таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдаконро тақвият медиҳад.

Дар баробари кӯмакҳои пулӣ, ҳамчунин ҷиҳати офиятбахшӣ ва солимгардонии кӯдакони маъюб пайваста тадбирҳо андешида мешаванд. Зеро, таҷрибаи пешрафтаи солимгардонӣ ва офиятбахшӣ нишон медиҳад, ки дар бештари ҳолатҳо маъюбии кӯдакон бартараф карда мешавад.

Дар солимгардонӣ ва офиятбахшии кӯдакони маъюб нақши марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ муҳим аст. Бо

мақсади офиятбахшии кӯдакони маъюб аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ 53 адад марказҳои хизматрасонии иҷтимоии будубоши рӯзона таъсис дода шудааст. Аз ҷониби ин марказҳо соли 2022 ба 5 727 нафар кӯдакони маъюб хизматҳои иҷтимоӣ пешниҳод гардидааст, ки нисбат ба соли гузашта 424 нафар зиёд мебошад.

Тибқи Стратегияи фаъолияти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 мусоидат ба таъмини ҳуқуқи кӯдакони маъюб, ҳамчун самти афзалиятнок арзёбӣ гашта, дар ин самт пайваста тадбирҳо андешида мешаванд.

Тибқи Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022 аз ҷониби Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хуҷанд, Панҷакент, Гулистон ва ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд, ноҳияҳои Балҷувон, Дӯстӣ, Қубодиён, Ховалинг ва Муъминободи вилояти Хатлон бо раисони комиссияҳо оид ба ҳуқуқи кӯдаки шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони шуъбаҳои кор бо занон ва оила, ҷавонон ва варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар бахшҳое, ки фаъолияти онҳо бо ҳуқуқи кӯдак алоқаманд аст, вохӯриҳо доир намуда, ба онҳо дар бораи фаъолияти мақомот, санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак, аз ҷумла вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб маълумоти

муфассал пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, вазъи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб дар минтақаҳо мавриди санҷиш қарор дода шуданд.

Соли сипаришуда бо мақсади таҳлили вазъи риояи ҳуқуқи кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони маъюб дар Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб, санҷиш гузаронида шуд. Маълум гардид, ки Муассисаи мазкур дорои се шуъба буда, барои 200 кӯдак пешбинӣ шудааст, ки дар он кӯдакони аз синни 3 то 18 сола аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тибқи роҳхати Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ табобат мегиранд.

Ҳангоми санҷиши бинои муассиса муайян карда шуд, ки Муассисаи мазкур аз се бинои дуошёна иборат аст. Бинобар дар ҳолати садамавӣ қарор доштан бинои якум аз фаъолият боз монда, се шуъба дар ду бино ҷойгир карда шудааст. Зимни боздид аз ҳуҷраҳои хоб мушоҳида карда шуд, ки дар як ҳуҷра то 8 кӯдак ҷойгир карда шудаанд. Ҳол он ки ҳар як ҳуҷра барои 4 кӯдак пешбинӣ шудааст. Аз суҳбат бо роҳбари Муассиса маълум гардид, ки лифти бинои мазкур аз соли 2006 то инҷониб кор намекунад, ки ин ҳангоми интиқоли кӯдакони маъюб ба кори кормандон мушкилии зиёд пеш меорад. Барои тавонбахшии кӯдакони маъюб Марказ ба таҷҳизотҳои зерин, аз ҷумла: ҷевони тиббӣ, ҷевони хушкгармидиҳанда, дастгоҳи УВЧ, дастгоҳи электрофарез, галванизатор, ампулипулс, велотринажёр ва ингалятор ниёз дорад.

Мониторинги вазъи риояи ҳуқуқи кӯдакон аз ҷумла кӯдакони маъюб дар Муассисаи давлатии Маркази

байналмиллалии тавонбахшӣ дар ноҳияи Балҷувон нишон дод, ки муассисаи мазкур мавсимӣ буда, барои кӯдакони аз синни 3 то 16 солаи аз ҷиҳати аҳлонӣ ва ҷисмонӣ носолим пешбинӣ шудааст. Дар Муассиса 150 ҷой, аз ҷумла: 75 ҷой барои калонсолон ва 75 ҷой барои кӯдакон пешбинӣ шудааст. Дар Марказ кӯдакон бо ҳамроҳии падар ё модарашон аз 1 апрел то 30 ноябр, бо дар назар доштани хоҳиши падару модар ба муҳлати 21 рӯз барои тавонбахшӣ фаро гирифта мешаванд.

Ҳангоми суҳбат бо роҳбари Маркази мазкур маълум гардид, ки барои тавонбахшӣ марказ ба мутахассисон, аз ҷумла асабшинос, равоншинос ва табиби ғизосанҷ ниёз дорад.

Зимни санҷишу мониторингҳои гузаронидашуда бо волидайни кӯдаконе, ки ба табобат фаро гирифта шуда буданд, суҳбатҳо гузаронида шуд. Онҳо иброз намуданд, ки аз кор ва хизматрасонии мутахассисони маркази тавонбахшӣ розианд ва хуб мешуд, ки чунин марказҳо дар дигар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ низ таъсис дода мешуданд, то ин ки дастраси ҳамагон бошад.

Дар робита бо таъмин намудани кӯдакони маъюб ба ҳаёти арзанда, ки барои мустақилияти пурра ва ҳамгироии иҷтимоии онҳо зарур аст, дастрасии онҳо ба таҳсил нақши муҳим мебозад.

Ҳуқуқи кӯдакони маъюб ба таҳсили босифат дар муҳити фарогир дар муҳимтарин санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла дар Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ҳамаҷониба танзим

шудааст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии ин санадҳои байналмилалӣ дар ин самт тадбирҳои дахлдор меандешад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” кӯдакони маъюб бо ризоияти падару модар метавонанд якҷоя бо кӯдакони солим дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил намоянд ё барои онҳо машғулиятҳои инфиродӣ ташкил карда шавад.

Бинобар маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ дар соли хониши 2022-2023 - 460 адад синфхонаҳои махсус барои кӯдакони маъюб ташкил карда шудаанд, ки дар онҳо 7 030 хонанда, аз ҷумла 2 859 нафар духтарон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Инчунин, дар ҷумҳурӣ 1 002 нафар кӯдакони маъюб, аз ҷумла 391 нафар духтарон дар хона ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар соли хониши 2022-2023 дар 8 мактаб-интернати махсусгардонидашуда барои кӯдаконе, ки мушкилии биноӣ ва шунавоӣ доранд 1 487 кӯдак ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар сохтори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 60 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият менамояд, ки дар онҳо дар соли таҳсили 2022-2023 - 168 нафар (52 нафар духтар) кӯдакони маъюб ба таҳсил фаро гирифта шуда, аз рӯи 135 ихтисос мутахассис омода карда мешаванд.

Аз ҷониби марказҳои хизматрасонии иҷтимоии будубоши рӯзона дар соли сипаришуда 153 нафар кӯдакони маъюб ба касбомӯзӣ аз рӯйи касбҳои дӯзандагӣ ва компютерӣ фаро гирифта шудаанд, ки нисбат ба соли 2021 - 121 нафар зиёд мебошад.

Тибқи Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон барои соли 2022 ҷиҳати омӯзиши вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони маъюб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №16, №18, №70, №99-и шаҳри Душанбе, №1 ноҳияи Дӯстӣ, №1 ноҳияи Қубодиён, санҷишу мониторингҳо гузаронида шудаанд.

Омӯзиш ва таҳлили натиҷаҳои санҷишҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки дар муассаҳои таълимӣ норасоии кадрҳои соҳибихтисос вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони маъюб, муҳайё набудани шароити инфрасохтори дохилӣ ва атрофи бино барои кӯдакони маъюб мушкилӣ пеш меоранд.

Чунин мушкилиҳо дар муассисаҳои таълимӣ боис мегардад, ки аксари кӯдакони маъюб таълимоти заруриро гирифта наметавонанд.

Инчунин дар соли сипаришуда дар Комплекси кӯдакистон-мактаби махсус барои кӯдакони қувваи босираашон суст ва нобинои шаҳри Хуҷанд низ санҷиш гузаронида шуд. Зимни санҷиш муайян карда шуд, ки дар Муассиса 105 нафар кӯдакон аз шаҳру ноҳияҳои вилоят ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, аз ин шумора 91 нафарашон кӯдакони маъюб мебошанд. Дар муассисаи

мазкур робитаҳои оилавӣ хуб ба роҳ монда шуда, волидайн ва хешу табори тарбиятгирандагон метавонанд, ба дидорбинии кӯдакон биёянд.

Бинои муассиса аз ду ошёна иборат буда, дар ҳолати хуби санитарӣ қарор дошт, вале инфрасохтори дохилӣ ва атрофи он ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб мутобиқ набуд. Дар ҳудуди муассиса камераҳои мушоҳидавӣ низ насб карда нашудаанд.

Соли 2022 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак бо мақсади омӯзиши вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб аз муассисаҳои давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумии Мактаб-интернатҳои №4 ва №5 барои кӯдакони маъюби шаҳри Душанбе боздид намуд.

Зимни боздид бо шароити синфхонаҳо, сифати таълими хонандагон, таҳияи ҷадвали дарсҳо, шароити кори омӯзгорон, тарзи ташкилу ба роҳ мондани раванди таълим, бо китобҳои дарсӣ ва асбобҳои аёнӣ таъмин будани хонандагону муаллимон, иштироки хонандагон ба дарсҳо диққат дода шуда, шароити зисти кӯдакон, таъминоти онҳо бо ғизо, муносибати кормандони муассиса бо кӯдакон, инчунин шароити кори кормандони муассисаҳои мазкур шиносоӣ пайдо карда шуд. Маълум гардид, ки дар муассисаҳо барои кӯдакон шароити хуби нигоҳдорӣ муҳайё карда шудааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон зимни боздидҳо ва санҷишу мониторингҳо

ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта тавсияҳои дахлдор пешниҳод намуданд.

Соли 2022 кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар якчанд чорабиниҳои мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла рӯзҳои 22 ва 26 август дар марафони миллӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони маъюб дар шаҳрҳои Бохтар ва Данғараи вилояти Хатлон ва Форуми миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдакони маъюб дар шаҳри Душанбе иштирок ва баромад намуданд.

Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобаста ба ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб соли 2022 тавассути телевизион, радио, матбуоти даврӣ ва электронӣ баромадҳо сурат гирифта, ба раванди огоҳонии аҳолӣ ба ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакони маъюб мусоидат карда шуд.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи риояи ҳуқуқи кӯдакони маъюб тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– амалисозии самаранок ва саривақтии Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва амалинамоии Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон;

– таъмини дастрасии маъюбон ба иттилоот;

– зиёд кардани шумораи марказҳои будубоши муваққатӣ ва рӯзона барои кӯдакони маъюб;

– таъмин намудани дастрасии кӯдакони маъюб ба объектҳои инфрасохторӣ, ҷойҳои фароғатӣ, фарҳангӣ ва мактабҳо;

– гузаронидани курсҳои махсуси омӯзишӣ барои муаллимони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва мактабӣ бо мақсади беҳтар кардани таҳсилоти инклюзивӣ;

– таъсиси муассисаҳои тавонбахшӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳо;

– баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии волидайни кӯдакони маъюб;

– гузаронидани чорабиниҳои маърифатӣ барои аз байн бурдани тамғазанӣ (стигма) ва таъбиз нисбати кӯдакони маъюб;

– насб намудани камераҳои назоратӣ дар муассисаҳои будубоши кӯдакони маъюб.

## 2.4. Ҳуқуқи кӯдак ба таҳсил

Рушди бонизоми соҳаи маориф, баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор, фароҳам овардани шароити мусоиди таҳсил барои кӯдакон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар ҷумҳурӣ шароити воқеӣ барои рушди маориф муҳайё гардида бошад ҳам, дар маҳалҳо истифодаи нерӯи инсонӣ ва идоракунии босифат дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.

Аз ин лиҳоз, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ ва халқи Тоҷикистон, ки 23 декабри соли 2022 ироа гардид, таъкид намуданд, ки «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем.».

Таҳлили дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ собит менамояд, ки соҳаи маориф дар маркази таваҷҷуҳи доимии Роҳбари давлат қарор дорад.

Тӯли чанд соли охир дар ҷумҳурӣ таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» гузаронида мешавад, ки кӯдакон иштирокчиёни фаъоли он мебошанд. Озмун бо

мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, бой гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва фаъолигардонии доираи забондонӣ миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла хонандагон гузаронида мешавад.

Баргузории озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» воқеан, аз муҳимтарин тадбирҳо ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ба таҳсил мебошад. Зеро, ба василаи чунин озмунҳо шавқи кӯдакон ба хондану эҷод кардан афзун, тавассути он донишашон ғанӣ ва корашон дар фатҳи қуллаҳои баланди таҳсил осон мегардад.

Самараи эътироф ва арҷгузории роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки дар 31 соли Истиқлолияти давлатӣ 3 430 (дар 70 соли замони гузашта ҳамагӣ 3 229 муассисаи таълимӣ) муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда ва танҳо дар панҷ соли охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022 - 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод.

Низоми таҳсил зинавӣ буда, нагузаштани яке аз ин марҳилаҳо дар идомаи таълим ва тарбия мушкилоти муайянро ба бор меорад. Аз ин лиҳоз, вазъи таъминоти пурра дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ ҳоло ҳам нигаронкунанда боқӣ мемонад.

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илм соли 2022 дар ҷумҳурӣ 707 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 102 525 нафар кӯдак фаъолият намудааст. Ин нишондиҳанда дар ВМКБ 26 адад, шаҳри Душанбе 161 адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 81 адад, вилояти Хатлон 162 адад ва вилояти Суғд 277 ададро ташкил медиҳад.

Таҳсилоти томактабӣ барои рушди кӯдак нақши муҳим дошта, бо дарназардошти аҳамияти он соли 2022 дар ҷумҳурӣ Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027 ва Нақшаи амали Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027 барои марҳилаи якум (солҳои 2022-2024) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №484 аз 30 сентябри соли 2022 тасдиқ карда шуд.

Дар ҷумҳурӣ дар самти муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ як қатор мушкилот, аз ҷумла оид ба фарогирӣ ба таълиму тарбияи томактабӣ, такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ, фароҳам овардани шароити имтиёзнок, ҷудо кардани қитъаҳои замин ва молу мулк бо тартиби соддакардашуда, тибқи қонунгузорӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои шарикии амалӣ байни бахшҳои

давлатӣ ва хусусӣ, таъсис додани шӯроҳои машваратӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳалҳо, фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди фарҳанги андозсупорӣ, таблиғи ғояҳои соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони пешсаф, ки дар самти маориф фаъолият менамоянд, мавҷуд аст, ки бо амалисозии самараноки Барномаи мазкур бояд ҳал карда шаванд.

Соли 2022 кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати омӯзиши вазъи риояи ҳуқуқҳои кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №16, №18, №70 ва №99 шаҳри Душанбе, №1 ноҳияи Дӯстӣ, №1 ноҳияи Қубодиён, Мактаб-интернати кӯдакони ятим дар ноҳияи Қубодиён, Муассисаи давлатии Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб ва Маркази байналмиллалии тавонбахшӣ дар ноҳияи Балҷувон, Комплекси кӯдакистон - мактаби махсус барои кӯдакони қувваи босираашон суст ва нобинои шаҳри Хуҷанд, Мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе, "Литсейи касбии техникии махсуси шаҳри Душанбе"-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қабулгоҳ-таҳвилгоҳи Раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, Муассисаи тарбиявии ЯС 3/12 Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷиш гузарониданд.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 8.10.2019 №618 дар бораи "Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2020-2025" як гурӯҳ кӯдакон, ки шумораи умумиашон 30 нафарро ташкил медиҳад дар "Маркази инкишофи кӯдак" ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ба ин гурӯҳ аз руи барномаи тарбиявӣ-таълимии "Маркази инкишофи кӯдак" барои кӯдакони аз 4 то 7 сола машғулият гузаронида мешавад. Маркази мазкур бо тамоми мавод ва таҷҳизотҳои лозима таъмин карда шуда, истифодаи таҷрибаи мазкур дар дигар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ мувофиқи мақсад мебошад.

Гарчанде, ки девори долонҳо бо лавҳаву овезаҳои иттилоотӣ, оро дода шуда бошанд ҳам, лекин оид ба ҳуқуқу озодиҳои кӯдак ягон гӯша ташкил карда нашудааст. Чунин камбудӣ хоси қариб ҳамаи муассисаҳои санҷидашуда буданд.

Дар муассисаҳои зикршуда робитаҳои оилавӣ хуб ба роҳ монда шудааст.

Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо роҳбарияти Мактаб-интернатҳо аз ошхонаҳо, ҳуҷраҳои тиббӣ, ҳуҷраҳои хоб, толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ, ҳаммом ва ҳоҷатхонаҳо дидан намуданд.

Ҳуҷраҳои ёрии тиббӣ дар ҳолати хуб қарор дошта, барои расонидани ёрии аввалияи тиббӣ ва пешгирии бемориҳои сироятӣ бо маводҳои доруворӣ таъмин карда шудаанд. Аммо

барои нигоҳдории доруҳои махсус дар ҳуҷраҳои ёрии тиббӣ яхдон вуҷуд надорад.

Санҷиши биноҳои таълимии муассисаҳо нишон медиҳад, ки онҳо дар ҳолати хуб қарор дошта, ба талаботи санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ мебошанд, вале инфрасохтори дохилӣ ва атрофи онҳо ба эҳтиёҷоти кӯдакони маъюб мутобиқ нестанд.

Омӯзиши вазъи муассисаҳо нишон дод, ки қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор риоя карда шуда, дар дохили биноҳо гӯшаи махсус бо оташхомӯшкунакҳо ва дигар асбобҳои зидди сӯхтор таҷҳизонида шудааст.

Сару либоси тавсиявӣ аз ҷониби хонандагон риоя мешавад ва ҳолати санитарию гигиении синфхонаҳо ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Толорҳои варзишӣ ба таъмири ҷорӣ ниёз доранд, майдончаҳои варзишӣ таъмирталаб буда, бо лавозимоти варзишӣ таъмин карда нашудаанд ва ба талабот ҷавобгӯ намебошанд.

Ҳангоми омӯзиши вазъи муассисаҳо шароити синфхонаҳо, сифати таълими хонандагон, тарзи таҳияи ҷадвали дарсҳо, шароити кори омӯзгорон, тарзи ташкилу ба роҳ мондани раванди таълим, бо маводу китобҳои дарсӣ ва асбобҳои аёнӣ таъмин будани хонандагону муаллимон диққат дода шуд. Синфхонаҳо бо мизу курсӣ таъмин карда шудаанд, аммо баъзе мизу курсиҳо кӯҳна ва фарсудаанд.

Китобхонаи муассисаҳо дар ҳолати хуб қарор дошта, барои хонандагон ҳуҷраҳои алоҳида барои китобхонӣ ташкил карда шудааст, ки шабона вақти холӣ хонандагон бо

мураббиён дар он ба мутолиаи китобҳои бадеӣ машғул мешаванд. Китобҳои бадеӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба хонандагон дастрасанд.

Омӯзиши касбу ҳунар барои хонандагон аҳамияти муҳим дорад, зеро пас аз хатми мактаб хонандагон метавонанд бо касби омӯхтаашон зиндагииояндаи худ ва оилаашонро таъмин намоянд. Бинобар ин ҳангоми гузаронидани санҷиш аз ҷониби гурӯҳи корӣ ба касбомӯзии хонандагон аҳамияти махсус зоҳир карда мешавад. Санҷиш нишон дод, ки дар муассисаҳо барои духтарон синфи таълими меҳнат ташкил карда шуда, бо мошинаҳои дарздӯзӣ таъмин мебошанд. Писарон бошанд дар алоҳидагӣ касби дуредгариро аз худ менамоянд.

Зимни гузаронидани санҷишҳо гурӯҳи корӣ пеш аз ҳама ба ҳолати биноҳо аҳамияти хоса медиҳад, зеро ҳаёти кӯдакон ва омӯзгорон аз устувории биноҳо вобастагии калон дорад. Санҷишҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти муассисаҳо дар замони шӯравӣ сохта шуда, ба таъмири асосӣ ё азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Ба таври мисол, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 ноҳияи Қубодиён аз соли 1964 инҷониб фаъолият намуда, барои 660 нафар хонанда дар як баст пешбинӣ шудааст. Айни ҳол дар муассисаи таълимии мазкур 1395 нафар хонандагон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Аз ин шумора 575 нафар духтарон мебошанд.

Бо сабаби дар атрофи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №70 шаҳри Душанбе сохта шудани биноҳои

баландошёнаи истиқоматӣ дар ҳудуди муассиса имконияти сохта шудани майдончаи варзишӣ умуман вуҷуд надорад.

Дар муассисаҳо кабинети фаннии технологияи компютерӣ вуҷуд дорад, дар баробари ин синф-кабинетҳое ҳастанд, ки ба талабот ҷавобгӯ намебошанд, мавод ва асбобҳои аёнии кӯҳна ва корношоям доранд.

Санҷишҳо нишон доданд, ки китобхонаҳои муассисаҳо бо китобҳои муосири забономӯзӣ, аз ҷумла забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, немисӣ ва хитоӣ таъмин набошанд ҳам, хонандагон ба забономӯзӣ шавқи зиёд дошта, тавассути воситаҳои электронӣ забон меомӯзанд. Оилаҳо бештар кӯшиш менамоянд фарзандони худро дар гурӯҳҳои забони таълими русӣ гузоранд. Фаъолияти марказҳои хусусии забономӯзӣ низ ба ин раванд мусоидат мекунанд.

Аз натиҷаи санҷишҳои гузаронидашуда ҷиҳати боз ҳам устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо таваҷҷуҳи бештар ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзӣ, забонҳои русӣ ва англисӣ ва технологияҳои муосир ба роҳбарон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии зикршуда тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шуданд.

Яке аз масъалаҳои муҳими ҳуқуқ ба таҳсил фарогирии кӯдакони ақаллиятҳои миллӣ ба таҳсил мебошад. Соли 2022 бо мақсади омӯзиши вазъи дастрасии кӯдакони ақаллиятҳои миллӣ (туркман ва лулитаборон) фаъолияти шуъбаҳои

маорифи шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд ва ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон санҷида шуд.

Аз натиҷаи суҳбат бо масъулини соҳа маълум шуд, ки дар шаҳри Панҷакент дар баробари тоҷикон дигар ақаллиятҳои миллӣ, аз ҷумла лӯлиҳо истиқомат доранд.

Барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандони ақаллиятҳои миллӣ, аз ҷумла лулиҳо аз тарафи масъулини соҳа тамоми тораҳо андешида мешавад. Тибқи маълумоти Шуъбаи маориф дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15 шаҳри Панҷакент 57 нафар фарзандони ақаллиятҳои миллӣ - лулиҳо аз синфи 1 то 9 ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз ин шумора 7 нафарро духтарон ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияи Дӯстӣ бошад, ақаллиятҳои миллии туркман ва ӯзбек бештар буда, барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакони онҳо дар ноҳия 3 адад муассисаи таълимӣ бо забонҳои тоҷикӣ-ӯзбекӣ, 5 адад бо забонҳои тоҷикӣ-туркманӣ ва 13 адад бо забони ӯзбекӣ фаъолият менамояд.

Санҷишҳо нишон доданд, ки ҷиҳати ба таҳсил фаро гирифтани ақаллиятҳои миллӣ монеа вуҷуд надорад ва онҳо бо китобҳои дарсии бо забони модариашон таҳиягардида таъмин мебошанд.

Зимни санҷишҳо дар муассисаҳои зикршуда ва боздиду ташрифи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ба шаҳри Гулистон, ноҳияҳои Шаҳристон, Ховалинг ва Муъминобод бо хонандагон, омӯзгорон, волидайни кӯдакон, масъулини

мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, худидоракунӣ ва фаъолони ҷомеа чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронида шуданд.

Дар вохӯриҳо оид ба сиёсати давлат дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдакон, амалишавии Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ва протоколҳои иловагии он, вазифа ва накши Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак, муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак", "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд", "Дар бораи пешгирии зуроварӣ дар оила", "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", навгониҳои қонунгузорӣ, эҳтироми фикри кӯдакон дар раванди ҳаёти оилавӣ, аҳамияти таълиму тарбияи кӯдак дар оила ва таъсири манфии ҷойгиркунии кӯдак дар муассисаҳои будубоши доимӣ маълумоти муффасал пешниҳод карда шуд.

Ҳамзамон масъалаҳо доир ба дастрасии кӯдакон ба таҳсил, хадамоти тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, мушкилоти кӯдакони бо қонун дар мухолифатбуда, таҳсилоти кӯдакони маъюб ва ғайра мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор дода шуданд. Зимни чорабиниҳо ба масъалаҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон, пешгирии зӯроварӣ, дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намудани кӯдакон, ҳифзи арзишҳои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ низ диққати махсус дода шуд.

Аз ин лиҳоз, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани вазъи таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон ба таҳсил тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

– такмили қонунгузорӣ ва таҳкими механизми амалисозии ҳуқуқҳои кӯдак ба таҳсил;

– таҳкими заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ;

– андешидани чораҳо ҷиҳати таъсиси муассисаҳои томактабӣ;

– андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонии омӯзгорон;

– андешидани чораҳо ҷиҳати пешбурди ҳуқуқи кӯдакони ақаллиятҳои миллӣ ва ҳамгироии онҳо;

– ташкили гӯшаҳои алоҳидаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар муассисаҳои кӯдакона;

– баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

# ХОТИМА

Дар маърӯзаи навбатии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии фаъолияти он ва фаъолияти Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон вобаста ба вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон дар кишвар, мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, таҳлилу омӯзиши таҷрибаи пешрафта, иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи кӯдак, натиҷаи боздид, санҷиш ва мониторингҳо, маводи васоити ахбори омма мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар соли 2022 тибқи талаботи Тартиби қабул ва баррасии мурочиати кӯдакон, намояндагони онҳо ва дигар шахсон аз ном ва ба манфиати кӯдакон 158 мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қабул ва баррасӣ намуд. Аз ин шумора, 44 адад мурочиат хаттӣ ва 114 мурочиати шифоҳӣ мебошанд.

Аз ҷумла, 29 мурочиати шифоҳӣ дар рӯзҳои қабули Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва 52 мурочиати шифоҳӣ зимни қабули сайёри мурочиатҳои шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳо баррасӣ карда шуданд.

Новобаста аз фароҳам овардани шароит ва ташвиқу тарғиби масъалаи шахсан мурочиат намудани кӯдакон соли 2022 аз 44 мурочиати хаттӣ танҳо 1 мурочиат аз ҷониби

ноболиғ ворид гардида, 43 мурочиати дигар ба манфиати ноболиғон аз ҷониби падару модар ё дигар намояндагони қонунии онҳо пешниҳод шудааст. Дар мурочиатҳои хаттӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини 59 кӯдак (37 писар ва 22 духтар) мусоидат пурсида шудааст.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак низ дар раванди такмили қонунгузорӣ иштирок намуда, ба лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хулоса медиҳад ва дар маърӯзаҳои солонаи худ тавсияҳои дахлдор пешниҳод менамояд.

Масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакро дар Тоҷикистон як қатор кодексҳо, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ба танзим медароранд. Омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон нишон медиҳад, ки муқаррароти танзимкунандаи соҳаи кӯдак дар шакли Кодекс муттаҳид карда шудаанд.

Соли 2022 аз ҷониби кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдаки мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ба 16 лоиҳа (с.2021 – 7) аз ҷумла, 8 лоиҳаи Қонун, 1 лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 лоиҳаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак равона шуда буданд, хулосаҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд.

Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдак аз амалисозии тавсияҳои сохторҳои махсус ва

шартномавии СММ низ вобастагӣ дорад. Дар Тоҷикистон дар доираи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар ин самт пайваста нақшаҳои миллии амалҳо таҳия ва тасдиқ гардида, ҷиҳати амалишавии онҳо тадбирҳои муассир андешида мешавад.

Бо мақсади аз наздик шиносоӣ пайдо намудан ба вазъи таъмин ва риояи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон пайваста санҷишу мониторинг гузаронида шуда, боздидҳо ба амал бароварда мешаванд. Дар соли 2022 тибқи Барномаи амали мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон 24 санҷиш ва 8 мониторинг, дар маҷмӯъ 32 (с.2021 - 22) санҷишу мониторинг гузаронида шуд.

Барои ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд нақши муайянкунанда доранд. Дар ин замина, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак бо мақомоту идораҳои давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва дигар субъектони ҷомеа, ки барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдакон мусоидат карда метавонанд, ҳамкориҳоро ба роҳ мондааст.

Чунин ҳамкориҳо ба таҳкими механизми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, такмили қонунгузорӣ ва стандартҳои кор бо кӯдакон, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайроншудаи кӯдак, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии субъектони кор бо кӯдак ва бартараф намудани мушкилот дар ин самт равона шудаанд.

Дар маҷмӯъ соли 2022 кормандони Шуъбаи ҳифзи давлатии ҳуқуқҳои кӯдак дар 25 (с.2021 - 23) чорабиниҳои

мухталиф оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои кӯдак, ки аз ҷониби ҳамкорон аз мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор гардиданд, иштирок ва оид ба фаъолияти механизми миллии ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак бо маърӯзаҳо баромад карданд.

Барои боз ҳам баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак тавассути гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ ва чопи маводҳои иттилоотӣ ва баромадҳо тариқи воситаҳои ахбори омма ҳамкориҳо тақвият дода шуданд. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва кормандони Шуъба дар давраи сипаришуда тариқи воситаҳои ахбори омма 43 баромад (с.2021 - 35) намуданд аз ҷумла, 18 баромад дар телевизион (с.2021 - 14), 13 баромад дар радио (с.2021 - 6) ва 12 мақола дар матбуоти даврӣ ва электронӣ (с.2021 - 15) (“Ахбори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон” (нашри махсус), сомонаи АМИТ “Ховар”, маҷаллаи “Қонун ва ҷомеа” таъмин карда шуданд.

Дар Маърӯзаи пешниҳодшуда вазъи риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои кӯдак дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ бо дарназардошти ӯҳдадориҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти ҷойдошта тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани раванди қабул ва баррасии мурожиатҳо ва таъмини манфиатҳои беҳтарини кӯдакон – 3 тавсия, такмил додани қонунгузории амалкунанда ва таҳкими механизми иҷрои ӯҳдадориҳои

байналмилалӣ – 4 тавсия, вазъи риояи ҳуқуқи кӯдакон дар низоми адолати судӣ нисбати ноболиғон – 9 тавсия, вазъи таъмини ҳуқуқи кӯдак ба ҳаёт ва саломатӣ – 7 тавсия, вазъи риояи ҳуқуқи кӯдакони маъюб – 9 тавсия ва вазъи таъмини ҳуқуқҳои кӯдакон ба таҳсил – 7 тавсия ва дар маҷмӯъ 39 тавсия пешниҳод гардидааст.

Итминон дорем, ки минбаъд низ ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, созмонҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, доираҳои илмӣ-академӣ, воситаҳои ахбори омма бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва мақомоти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҷиҳати пешбурди ҳуқуқ ва озодиҳои кӯдакон тақвият меёбанд ва барои иҷрои тавсияҳои пешниҳодшуда чораҳои мушаххас андешида мешаванд.